ДАВЛАТ САФАР

# АВҶИ ПАРВОЗ

Душанбе-2011

## НОМА БА РӮҲИ МАВЛАВӢ

Ман он дардам, ман он дардам, ки бедармон бадар оям,
Ман он боди пур аз атрам, ки ҳангоми саҳар оям.

Ба ангушти ишора дӯст моро сӯи худ хонад,
Ман он бедасту бепоям, ба меҳр оям, ба сар оям.

Ҳамон ҳоли ба ҳал мушкил, ҳамон қоли савори қил,
Ба маҷлисҳо ба сад фарёди дил бо гӯши кар оям.

Ҳамон савдо, ҳамон ғавғо, ҳамон овои аз боло,
Ҳамон девонаи дармондаам, то пушти дар оям.

Шукуфам бебаҳору бебаҳорон ҳам нумуъ созам.
Ҳамон шохам, ки дар оғӯши оташ бетабар оям.

Ҳамон пероҳани аз Мисраму асрори Ҳақ дорам,
Ҳамон бӯям, ки бо боде ба Канъон пештар оям.

Ҳамон давлат, ҳамон савлат, ҳамон ғафлат, ки дорад лат,
Бурун норафта аз хона зи роҳи сад сафар оям.

Ҳамон борони найсонам ба найзори сухан борам,
Ҳикоятҳои най дорам, чу тамъи найшакар оям.

* * *

Қалам сеҳри асо дорад, қаламкаш табъи Мусо шав,
Масеҳ андар нафас бинам, ба дунё бепадар оям.

Агар ин ҷову он ҷоям, наосоям, ба ҳар ҷоям,
Намеоям, намеоям, намепоям, агар оям.

Ҳамон гӯшам, ҳамон ҳушам, ҳамон фарёди хомӯшам,
Ҳамон ёди фаромӯшам, чу оҳе аз ҷигар оям.

Дар ин дору дар ин доро, аз ин хору аз ин хоро,
Ба нақши пой пай монам, ки сад бори дигар оям.

Агар обам, чу гирдобам, агар хобам, табу тобам,
Ба Рустам меҳри Сӯҳробам, зи пушти Золи Зар оям.

Ба дарде ман даво дорам, ба ишқе ман ҳаво дорам,
Ба мизробе наво дорам, қазо андар қадар оям.

Аё, эй табъи Мавлоно, ба олам гӯ, ки по кӯбед!
Ки чархочарху дастафшон бари Давлат Сафар оям.

## НОМА БА РӮҲИ УСТОД ТУРСУНЗОДА

*(Ба ифтихори 100-солагии Мирзо Турсунзода)*

Баъди ту шеър оинадори мақом шуд,
Ин ҷода хор гаштаву шоир ба ном шуд.

Аз минбари сухан ба ҳавои даҳан касе,
Ҳарфе ба гӯш гуфтаву пири калом шуд.

Ҳар кас ба иттиҳоди нависандагон расид,
Аъзои ифтихориву Ҷамшеди ҷом шуд.

Таҳқиқи шеър гум шуду тақлиди шеър монд.
Девону Куллиёт, ки беэҳтиром шуд.

Хуршеди шеър дар паси кӯҳи ҳасад нишаст,
Шоир нишони масхараи хосу ом шуд.

Борони санги кина зи абри ғазаб расид,
Набзи адибу набзи сухан бенизом шуд.

Чун гӯям аз фазилату ҷоҳу мақоми шеър?
Писханди каҷкулоҳ ба шоир салом шуд.

* * *

Он мурғи паркушодаи илҳоми шоирӣ,
Боли тамаъ кушода ба доранда ром шуд.

Нони ҳалоли шеър гулӯгири шоир аст,
Вақте ки шеър луқмаи нафси ҳаром шуд.

Дигар маҷӯ зи кӯҳи сухан сайди зикри Ҳақ,
Сайёд дар талотуми нафсаш ба дом шуд.

Охир зи ину он чӣ бигӯем аз алам?
Ганҷи рисолате, ки ту будӣ, тамом шуд.

* * *

Марезон қатраи ашкам, ки тӯфон мешавад рӯзе,
Ҳама меҳрам, ҳама ишқам ба тан ҷон мешавад рӯзе.

Ба кӯҳи санглохи ғам раҳи мушкилгузар дорам,
Таҳаммул гуфт бар гӯшам, ки осон мешавад рӯзе.

Ҳамин як дона гандум донаи умеду армон аст,
Ки аз лутфи Худоям хирмани дон мешавад рӯзе.

Агар рӯбаҳмиҷозеро ба симу зар тавон бахшӣ,
Ки бешак ҳамнишини шери майдон мешавад рӯзе.

Тапиданҳои дил дар гулшани уммед агар сард аст,
Нафас дар тоби ғам тафси биёбон мешавад рӯзе.

Ба Яъқуби умеду орзуҳоям башорат деҳ,
Ки ҳукми чоҳи ғам мӯҳри ғарибон мешавад рӯзе.

Касе дар сафҳаи маънӣ агарки нукта бигзорад,
Ки сайди маънияш дар дом ҳайрон мешавад рӯзе.

* * *

Табу тобам, табу тобам, ки маҳтобам намедонад,
Чароғи шабфурӯзам хонаи хобам намедонад.

Зи Рустам будану аз паҳлавониям чӣ мепурсӣ?
Ман он меҳрам, ман он меҳрам, ки Сӯҳробам намедонад.

Чӣ сон бо ман рақибам душманӣ варзад, ки ӯ охир,
Кадомин хоку сарҷӯи кадом обам, намедонад.

Басо, шогирди раҳпаймоям аз роҳи хато баргашт,
Адаб омӯхт, аммо ҳусни одобам намедонад.

Аз ин ҳушёрбуданҳо раҳи девонагӣ хуб аст,
Ки пири майфурӯшам аз майи нобам, намедонад.

Зи сели ашки ҳасрат орамидан кори осон нест,
Дили дар соҳили ғам нақши селобам намедонад.

Ғамам дарёи пуршӯру талотумофаре дорад,
Ки завракрони ишқам доми гирдобам намедонад.

Ба ҳар як қатра ашкам, баҳр тӯфони ҳаводис шуд,
Ба дил сад кӯли ғам дорам, ки Кӯлобам намедонад.

* * *

Надорад тоб девори дилам селоби ҳасратро,
Ба чашмам раҳ нахоҳам дод дигар хоби ҳасратро.

Ба рӯзи сахт меҳри дил ба ҳукми нӯшдоруест,
Хабар аз нӯшдоруям мадеҳ Сӯҳроби ҳасратро.

Ҳақиқатпарвареро нест осоиш дар ин олам,
Ки гардонад ба дарёи дилаш гирдоби ҳасратро.

Намесӯзад дигар узве чу дил аз номуродиҳо,
Магӯ аз худшиносиҳо хабар арбоби ҳасратро.

Раҳи базму тараброро роҳи дил дар умр мебояд,
Мабодо, то диле гардад ғулом асҳоби ҳасратро.

Худоро шукр бояд гуфту бо шукрона бояд зист,
Ки кӯҳ арзан бувад дар нобарорӣ тоби ҳасратро.

* * *

Соясифат маё дигар, ҳамсафарат намешавам,
Дарбадарам зи ишқ агар, зори дарат намешавам.

Дидаву дил кушодаву дар хати доми дил шудӣ,
Сайд ба ҳарду дидаи ҳилагарат намешавам.

Сар ба ҳавои сарсарӣ сар задаам ба ҳар даре,
Сарбасарам машав дигар, сарбасарат намешавам.

Буд нишони ғам дилам, тири ғамат, ки хок хурд,
Аз ғами ину он дигар чун сипарат намешавам.

Гуфтӣ ба дил шарар туӣ, байни ҳама дигар туӣ,
Аз шарари дилам магӯ, ман дигарат намешавам.

Бори хаёли ишқро тори асаб намекашад,
Ганҷи зи даст рафтаам, дарди сарат намешавам.

Қибла маро чу кард гум, сар ба суҷуди ман нарафт,
Каъбаи дил хароб шуд, чорагарат намешавам.

* * *

Боди зи гулшан омада аз пайи хас намешавад,
Соҳиби номи мушкбӯ ранҷи нафас намешавад.

Толиби шаҳдофарон беш бувад ба фасли гул,
Ҳампари наҳли шаҳдзо ҳеҷ магас намешавад.

Кабк гар аз садои хуш бастаи дом мешавад,
Фахри заған аз он бувад банди қафас намешвад.

Рӯзу шабон ба гург агар барра зиёфаташ кунӣ,
Гург бувад чу асли ӯ, ром ба кас намешавад.

Чанг зада ба решае рӯди равон ғуриду гуфт:
Ҳамраҳи мо шудӣ агар, гашта ба пас намешавад.

Гуфт ба зоғ булбуле: Донӣ, ки табъи мо зи кист?
Лутфи Худо набошадат, ин ба ҳавас намешавад.

Давлат агар сафар кунад, давлати сад сафар шавад,
Лек ба ҳукми хоҷагон бонги ҷарас намешавад.

* * *

Ҳар гаҳе дидаи ман сайр дар оина кунад,
Назараш пок чу рӯзи хуши Одина кунад.

Ба гаҳи бӯса зи шӯри дили мо шиква макун,
Тифлро гиря ҳидоят ба раҳи сина кунад,

Ба хати мардумаки дидаи мо дом чӣ буд?
Зулфро ҳалқа зада, ноз чу сабзина кунад.

Пир гуфто: Ба асо навдаи тут афшонам,
Ёр агар дар бағалам ҷилваи дерина кунад.

Дар лаби ҷӯй, ки айёми ҷавонӣ бигзашт,
Оҳи пиронаи ман накҳати пудина кунад.

Аслро шубҳа набошад зи нигоҳи Бедил,
Одамӣ пир шавад, нағмаи бузина кунад.

Қасди Давлат Сафар аз мастии нохоста чист?
Мард бо хурдани май пок дил аз кина кунад.

* * *

Ҳамон хокам, ҳамон хокам, ки ҳар як заррааш пок аст,
Ҳамон обам, ҳамон обам, ки файзаш дар дили хок аст.

Ҳамон дардам, ҳамон дардам, ки дармон мешавам рӯзе,
Ҳамон оҳам, ҳамон оҳам, ки дудаш абри афлок аст.

Ҳамон кӯҳам, ҳамон кӯҳам, ки ганҷаш дар кафи даст аст,
Ҳамон қалбам, ҳамон қалбам, ки роҳи синааш чок аст.

Майи нобам, майи нобам, сабӯям санги ғам бишкаст,
Ҳамон май, ки ба ҷои шир хуни синаи ток аст.

Ҳамон сайдам, ҳамон сайдам, ҳамон сайде, ки дар маънист,
Ҳамон сайде, ки сайёдаш мудом аз тарс ғамнок аст.

Ҳамон Давлат, ҳамон Давлат, ки рахти як сафар дорам,
Ҳамон мӯҳрам, ҳамон мӯҳрам, ки рангаш оби Элок аст.

* * *

Ба дуроҳа раҳ нагирам
Қадам аз нигаҳ нагирам.
Зи хумори тавба мастам,
Ба Худо, қадаҳ нагирам.

Ту маё савобҷӯӣ
Ба сарам гунаҳ нагирам.
Назари баландҳоям,
Рез-рези таҳ нагирам.

Сару сарварӣ ҳаминам –
Сабақ аз кулаҳ нагирам.
Маҳи ман агар шаб ояд,
Раҳи шаб чу маҳ нагирам.

Ба ҳавои боду бода
Таҳи дил сияҳ нагирам,
Ки ҳазор васли Юсуф
Ба фироқи чаҳ нагирам.

* * *

Як шаби баҳор дар канори ёр,
Эй чӣ хуш, ки боз мастам аз хумор.

Ҳоли сарнавишт дар хати сиришт
Чун тавон навишт аз ғами нигор.

Дар қабои шаб бӯсаҳо ба лаб,
Масти тобу таб, шукри бешумор.

Рӯзи нав расид, ҷони тан дамид,
Ишқ сар кашид аз дили фигор.

Роҳи бастаро, дилшикастаро,
Ҷони хастаро, ёр буд қарор.

Эй ту, ҷон ба тан, дил зи мо макан,
Бе навои ман мешавӣ ту хор.

* * *

Дар қадами дилам чаро шишаи ғам шикастаӣ?
Хории дар харобаам боз чу хор рустаӣ.

Нохуни дил кушодааст уқдаи тори ишқро,
Бар сари сахти ман чаро боз чу мушт бастаӣ?

Қатраи равғани ғурур офати хашми озар аст,
Дар сари оташи дилам бо чӣ алам нишастаӣ?

Сурати навҷавониам оинаро бидиду гуфт:
Аз раҳи дил бурун биё, з-он ки чу пир хастаӣ.

Гуфт табар ба шохае аз алами буриданаш:
Шиква зи зарби ман магӯ, баски маро ту дастаӣ.

* * *

Акси мо дар дили оина парешонҳол аст,
Санги ғам дар бағалу тарзи баёнаш лол аст.

Ба раҳи мардумаки дидаи мо вола машав,
Асари нур фано гаштаву танҳо хол аст.

Муддаӣ аз карами хеш наёбад суде,
Баски андешаи ӯ дар сари қилу қол аст.

Рустам аз ҳиммати Сӯҳроб чӣ сон шиква кунад?
Ки ҳамин қофила пайванд ба номи Зол аст.

Ақл сармояи бебаҳси бузургӣ бошад,
Ишқ тӯфони табе, ки на ба синну сол аст.

Лашкари Мири Араб аз дили дарё бишнид:
Оташ аз дуд чудо дар қадами Шаҳбол[1] аст.

Ту чӣ пурсӣ ҳадафи Хочаи Шероз зи ишқ?
Шарҳи ҳол аз карами Ҳақ ба баёни фол аст.

Раҳи Давлат Сафар аз қолаби ҳастӣ омӯз:
Қоматаш ҳамчу алиф, пеши бузургон дол аст.

---

[1] Шаҳбол – Мири Кӯлоб буд, ки соли 719 лашкари Мири Арабро шикаст додааст.

* * *

Рӯи раҳ аз аламам хори нигаҳ мерӯяд,
Хати роҳ аст, ки дар сафҳаи раҳ мерӯяд.

Дони макрӯҳ мапошед, ки дар киштаи нафс,
Аз дили хоки сиёҳ дони гунаҳ мерӯяд.

Ҷабри сангини бародар накушояд Юсуф,
Лутфи Ҳақ ёри касе, к-аз дили чаҳ мерӯяд.

Соғари ақл ба сармастӣ агар мешиканӣ,
Сари гӯри ту қадаҳлола сиёҳ мерӯяд.

Ояти ишқ ба лаб бонги умеди сабр аст,
Шом дар дашти само ахтару маҳ мерӯяд.

Ҳар баландӣ асар аз ҳиммати пастӣ дорад,
Меваи шохи баланд аз гили таҳ мерӯяд.

Тифлро таъна ба бебокиву бадхӯӣ мазан,
Луқма пок аст агар, нек зи заҳ мерӯяд.

Даври Давлат Сафар аз ҳалқаи паргор маҷӯ,
Ҳар дам аз сояи ӯ боз шабаҳ мерӯяд.

* * *

Боде, ки тӯфонро шикаст,
Сад шохи боронро шикаст.

Аз нобарориҳо магӯ,
Атола дандонро шикаст.

Сер аз лаби маъшуқа гуфт,
Вақте лаби нонро шикаст.

Масте, ки аз паймона гуфт,
Девона паймонро шикаст.

Ҳарфи лаби дарё чӣ суд?
Лабташна армонро шикаст.

Аз марзу буми дил магӯ,
Дарду ғамат онро шикаст.

Ин шишаи номуси мо,
Сад санги ҳазёнро шикаст.

Ҷому сабӯро бок нест,
Мастӣ намакдонро шикаст.

* * *

Эй ошиқон, эй ошиқон, фасли гул эҳё мешавад,
Аз чанги боди мушкбӯ сад роз ифшо мешавад.

Аз пайки наврӯзии мо, дар панҷаи рӯзии мо,
Ҳар зарра дунё дар назар, ҳар қатра дарё мешавад.

Эй ишқ, эй дармонгиёҳ, эй олами нуру зиё,
Мо аз пайи дил меравем, дил аз пайи мо мешавад.

Моро зи ғам парҳез гӯ, аз хоби ғафлат хез гӯ,
Панде, ки бар мо гуфтаӣ, ганҷи таманно мешавад.

Борони ришта-риштаро, колои абри киштаро,
Домони кӯҳу пуштаро, наврӯз маъво мешавад.

Аз лутфи Аллоҳ аст ин, дар давлати ҷоҳ аст ин,
Ишқе, ки бар дил мерасад, дар ёдҳо ҷо мешавад.

* * *

Дилам ба ҷониби дил васли роҳ мечӯяд,
Ду чашми баста шуъои нигоҳ мечӯяд.

Табибро зи мадорои ғам чӣ мепурсӣ?
Гираҳкушоии дарди табоҳ мечӯяд.

Рисолатам напазируфта шаб зи хоби падар
Бародаре ба ғазаб роҳи чоҳ мечӯяд.

Магар зи хоки замин нафси кас нашуд қонеъ?
Ки одамӣ зи ҳавас хоки моҳ мечӯяд.

Арӯси табъи туро оби дидаам шуд оҳ,
Ки хутба гуфтаву оби никоҳ мечӯяд.

Чӣ шоирест ҳамоне, ки вақти валвалаҳо
Қалам гузошта як сӯ силоҳ мечӯяд?

Маро зи марҳамати ишқ хоки раҳ гӯед,
Ки манзалатназаре дарки ҷоҳ мечӯяд.

* * *

Дар домани дил ишқ ба ранги ҷигарӣ,
Сад нақш ниҳодааст аз бебасарӣ.

Ҳар субҳдамӣ расад ба гӯши ғафлат,
Фарёди хӯруси лаби боми саҳарӣ.

Дар ишқ наметавон кушудан ҳаргиз,
Асрори ниҳони шарм аз пардадарӣ.

Аз ҳастии хеш дарк мебояд кард,
Марг аст ба зиндагӣ раҳи бехабарӣ.

Дар мактаби ишқ кай тавонам, эй ёр,
Омӯхтани ҳарфи ту бо лафзи дарӣ?

Аз гардиши чархи умр пиндоштаам,
Аҳд аст туро шамсию дайнат қамарӣ.

Фарзанди[1] азизи чоҳ аз ғайб шунид:
Пурпеч ба умр аст раҳи фитнагарӣ.

Дар оғӯши марг меваи сабр чашид
Сӯҳроб зи боғи сабзи меҳри падарӣ.

---

[1] Манзур Ҳазрати Юсуф аст.

* * *

Дилафрӯзи дилогоҳам наомад,
Ба домони шабам моҳам наомад.

Задам бар шишаи дил санги сабрам,
Садо кардам, сари роҳам наомад.

Навиштам нолаву рози қаламнай,
Ба дил сӯзу ба лаб оҳам наомад.

Зи тарси гурги хашму рашки ёрон,
Паямбарзодаи чоҳам наомад.

Зи хирмансоиҳои хирмани нур,
Ба рӯи каф пари коҳам наомад.

Чашидам меваи сабру таҳаммул,
Ҷалоли ишқ бар ҷоҳам наомад.

* * *

Афсона ҳақиқат шуду мо боз ҳамонем,
Аз ёр хабар нест аз ин рӯ нигаронем.

Гуфтанд ба сад мартаба асрори ниҳонро,
Дар ёди азизони сухан марсияхонем.

Ҳар кас, ки кунад ёд ва ё хор ба ин роҳ,
Мо пайрави ҳар гуфтаи Пири Ҳамадонем[1].

Гар пайраҳаи ишқ набошад раҳи осон,
Сармояи пирӣ бигӯ, вақте ки ҷавонем.

[1] Мир Саид Алии Ҳамадонӣ

* * *

Дардо, ки аз ду дида нури фараҳ парида,
Аз боғи ҳусни воло барги гуле начида.

Ишқат, ки бурд аз сар хобу хаёли мастам,
Афсона шуд тарона бар Ҳак, ки норасида.

Дар дил хумор нашкаст, дилро, ки рафт аз даст,
Андар машом раҳ ёфт он бӯи ношамида,

Наззора кач̧ маяфшон, з-он рост раҳ кушудем,
Пиндори мо малеҳ аст, пайке ба мо расида.

Дунёи дигарам ку? Як оламе дигар ҷӯ,
Чашмони баста бикшо, эй нури ҳарду дида.

Ёре, ки ноз дорад, бикшода роз дорад,
Ҷони сухан матарсон теғи забон кашида.

* * *

Дари тавба рӯ ба рӯям ҳама дам кушода бошад,
Ки гунаҳ маризи ақлу чу хумори бода бошад.

Ба раҳи мураккаби мо табу тоби ишқ ҳеҷ аст,
Агар ин тавони ҳастӣ ба нигоҳи сода бошад.

Ба фиғони бухлу кина зи ғазаб ту санги таъна
Мафикан ба шаҳсаворе, ки даме пиёда бошад.

Нашавад ба нафс моил сари иштиёқ мева,
Агар аз баландшохе ба замин фитода бошад.

Ба ҳавои ҷаҳд ҳаргиз маталаб саодат аз умр,
Ки падар ба аҳди ҳастӣ чу дуо надода бошад.

Ба дилу ба ҷони модар чӣ азиз асту муқаддас,
Насл аз тавони нутфа, чи нару чи мода бошад.

Зи ҳудуди меҳрубонӣ машикан ту роҳи меъёр,
Ба тани ту заҳр гардад чу шакар зиёда бошад.

* * *

Дар гӯшаи фаромӯшиям бо умеди ёд,
Ман атри гесӯвони туро додаам ба бод.

Сад раҳ ба ғам фитодаву ҷуръат фузудаам,
Беҳуда кардаам ба раҳи ишқи ту ҷиҳод.

Аз чашми гурги хашми бародар чӣ хондаам?
Рашке, ки аз дуои падар сад гираҳ кушод.

Ишқ омаду ба фитна дилам реш карду рафт,
Болои гӯри синаи ман санги ғам ниҳод.

Ку меваи расидаи шохи баланди ишқ?
Зоғу заған на хӯрду на сӯи замин фитод.

Як қатра оби косаи сабру таҳаммулаш,
Бар хеш талх гуфтаву бар дигарон надод.

Аз ҳизби ошиқӣ агарам сад алам расид,
Бо парчами муҳаббати ман ишқ зинда бод!

* * *

Гуфтам: Хумори васфи чӣ дорӣ, Ватансаро?
Гуфто, ки: Як таронаи фахри Ватан саро.

Гуфтам: Ғарибу хору биёбониям ҳанӯз,
Гуфто: Аҷаб! Ба гулшани сабзи Ватан биё.

Гуфтам, ки: Ҷазби хоки Ватанро чӣ ҳикматест?
Гуфто, ки: Пурсуҷӯ зи ғарибӣ Ватан намо.

Гуфтам, ки: Ин калобаи дил дар гираҳ шудаст,
Гуфто, ки: Ин гираҳ ту ба номи Ватан кушо.

Гуфтам, ки: ҳарфи меҳру муҳаббат куҷо занам?
Гуфто: Биё, ба минбари кӯҳи Ватан баро.

Гуфтам: Ҳузуру офияти умри мо куҷост?
Гуфто: Чу ҷон ба қолаби ҷони Ватан даро.

* * *

Шаҳраги ҷону танам восили ҷони Ватан аст,
Бонги номусу шараф бонги азони Ватан аст.

Заррае хокам агар, тобу тобам дар ҷӯш аст,
Қувва дар бозуву зону ба тавони Ватан аст.

Чашмсерем, сари хони касе нест ниёз,
Дар танӯри дили мо кулчаву нони Ватан аст.

Домани сабзи талу пушта, ки сарсабзии мост,
Сабз дар сабз саропои ҷаҳони Ватан аст.

Гар ғарибе накунад ёди Ватан, беном аст,
Ёди даргоҳи падар ному нишони Ватан аст.

* * *

Мурғи илҳоми ман аз дашту даман омадааст,
Ошёни дили ман гуфта, Ватан омадааст.

Кӯдакӣ,гӯй,ки шаҳтири фалахмонат ку?
Бар сари кишти падар зоғу заған омадааст.

Хубрӯе зи Самарқанди азизам аз рашк,
Турки Шерозсуроғе суи ман омадааст.

Аз бари марқади ағёр ба ҳангоми гузар
Ба димоғам зи лаҳад дуди кафан омадааст.

Чӣ нидоест,ки бар гӯши фалак дакка занад ?
Дон, ки аз наъли суми аспи Хутан омадааст.

Ба ҳама дурри Яман лаъли Бадахшон надиҳам,
Пеши ӯ саҷдакунон дурри Яман омадааст.

Фаҳми ашъори маро гӯши кари кас накунад,
Гунги бечора ба тафсири сухан омадааст.

Мард он аст,ки бар ҷониби ӯ пойкашон
Дили ранҷидаву бишкастаи зан омадааст.

* * *

Хонаи дил кардаӣ бар мо хароб,
Роҳи ишқи туст монанди сароб.

Ҳамчу гавҳар аз назарҳо дур бош,
Худнамоӣ кард кам умри ҳубоб.

Сӯхтанҳои дили моро мапурс,
Сӯзҳо бинҳуфта дар ашки кабоб.

Мо зи юмни нози ту дарёфтем,
Дилхушӣ дар хурдани нуқлу шароб.

Он қадар ҷабре, ки моро кардаӣ,
Чун кунӣ ҷуброн ту дар рӯзи ҳисоб?

Ҷилваи болопариданҳо макун,
Як дам аст анҷоми кафки рӯи об.

Ҳар нафасро ҳаст пеши мо ҳисоб,
Дар хати шаб ҳаст мӯҳри моҳтоб.

* * *

Меваи талх мураббо нашавад,
Заҳр заҳр аст, мудавво нашавад.

Ҷони беҳуда макан аз пайи мо,
Сари болоназарон по нашавад.

Гарчи гӯянд, ки ризқ аст азалӣ,
Лек беҷаҳд муҳайё нашавад.

Обрӯ паст макун, дор нигоҳ,
Шохаи хамзада боло нашавад.

Ишқи ту хоки маро меҳргиёст,
Сабз тухми дигар асло нашавад.

Шарбати васл нахоҳад нӯшид,
Ҳар ки дар сабр Зулайхо нашавад.

Насл аз луқмаи пок аст накӯ,
Оби гандида мусаффо нашавад.

Дидани даргаҳи нозат бе суд,
Қуфли дарвоза агар во нашавад.

Турки Шероз ба холи ҳинду-ш
Хубрӯ нест, гар аз мо нашавад.

Даст аз хок бурун бод, агар
Пояи арки Бухоро нашавад!

* * *

Ҳаво зи ҳиммати борон тамиз мегардад,
Чу мева об равонад, мавиз мегардад.

Асо гирифтани пирон далели одат нест,
Чу синну сол равад, ҷон азиз мегардад.

Агарки тифл ба дашномҳо кунад шухӣ,
Ба ҳар маќом расад, бетамиз мегардад.

Фазои маърифати умр дар ситоиш нест,
Чу одамӣ зи пайи нафсу чиз мегардад.

Агар замона бубинам, ки тинҷу ором аст,
Ғизои умр ба комам лазиз мегардад.

* * *

Гули рӯи ту ба гулдони дилам мемонад,
Ҳарфи номат ба хати ҷони дилам мемонад.

Ба варақҳои зарандудаи девони ҳавас,
Сабти шаҳмисраи армони дилам мемонад.

Ишқи ту риштаву колои гираҳнохӯрда,
Нақши гулдӯз ба домони дилам мемонад.

Меваи сабру таҳаммул, ки аҷаб ширин аст,
Баҳра нобурда ба сархони дилам мемонад.

Зи кафи лутфи ту дар суфраи умри гузарон
Намаки ишқу намакдони дилам мемонад.

Мурғи илҳоми маро бол кушудан омӯз,
Байзаи меҳр ба айвони дилам мемонад.

Ҳама ганҷе, ки зи каф тоҷики раҳгумзада дод,
Дар Бухорои зарафшони дилам мемонад.

* * *

Авзои маломатзадаро ҳавсала бояд,
Беҳавсаларо аҷзу фақирӣ назудояд.

Афзун нашавад мартаба аз фазлфурӯшӣ,
Ҳар чиз ба дег аст, ба кафлес барояд.

Подоши хатокардаву раҳгумзада ин аст,
Ҳар ҷо, ки равад, ҳеҷ касе дар накушояд.

Орад ба нафас бӯи парокандаи тоҷик,
«Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд».

Дар ришу кулаҳ нест фаровонии рӯзӣ,
Ризқи ману ту аз карами Ҳақ бифизояд.

Занбӯри асал дар вараќи гул чӣ биҷӯяд?
Моро ту ҳамон гӯ, ки дигар кор нашояд.

* * *

Туғёни ишқ аз раги ҷонам бадар нашуд,
Шамъи мурод сӯхт, вале шӯълавар нашуд.

Боре арӯси ишқи ту дар хонаи дилам
Меҳмон шуду ба ҷурми риё мӯътабар нашуд.

Сӯҳроб аз ғурури ҷавонӣ ситеза кард,
Дар ҳифзи ҷон баҳона нишони падар нашуд.

Оне, ки бадсиришту ҷафопеша менамуд,
Баъди тавофи Каъба нигоҳаш дигар нашуд.

Болини ҳар касе ба лаҳад хоки сард гашт,
Марг омаду муҳофизи ҷон симу зар нашуд.

Хуршед аз кароматӣ хеш аст сарбаланд,
Шаб даррасиду соя ба тан ҳамсафар нашуд.

Сино маризи илму ҳунар гашту лол монд,
Дарди ҷигар наёфт, то хуни ҷигар нашуд.

Ҳар кас ба ранҷ соҳиби ҷоҳу мақом гашт,
Номи падар ситораи бахти писар нашуд.

* * *

Қимати ақл наяфзуд зи андешаи кач,
Дуздро ҳеч мукофот нашуд пешаи кач.

Саҳнаи умр мақоми ҳунари воло гашт,
Нақши аллома набозид ҳунарпешаи кач.

Ростӣ хубу вале диди дигар мебояд,
Қомати сарв бурун омада аз решаи кач.

Соя бар ҳамраҳу ҳампояи худ шиква кунад,
Ки ба дод омада аз ҳолати ҳампешаи кач.

Пушти оина сияҳ бод, вагарна ҳар дам,
Нигаҳи кач ба ҳама мерасад аз шишаи кач.

* * *

Ибрати ҳушёр аз девона аст,
Мастии девона аз ҷонона аст.

Кори бадро роҳи пинҳон нест, нест,
Варна некӣ дар ҷаҳон афсона аст.

Аз фақирӣ дар канори хубрӯ
Айшу ишратҳои мо шоҳона аст.

Дар муҳаббатхонаву айвони дил
Ошноро ҳайбати бегона аст.

Боғи умри мо мабин бо чашми кам,
Меваащ аз нахли шириндона аст.

Ҷонамози ишқ рӯмоли ту гашт,
Сураи ихлоси мо паймона аст.

Ин гиреҳ дар мӯи мушкини ту чист?
Гӯиё ҷоду зи рашки шона аст.

Бозии мадҳу ситоишро бубин,
Кабки мо ҳам пайрави бедона аст.

Сӯи ту хам гаштану ёзиданам,
Дар дили шаб саҷдаи шукрона аст.

* * *

Мо зи ҳинду тобу таб омӯхтем,
Дарси ғамро аз тараб омӯхтем.

Аз муаммои китоби зиндагӣ
Пандҳои рӯзу шаб омӯхтем.

Бебаҳову беназир аст обрӯ,
Арзиши ному насаб омӯхтем.

Ранҷи раҳпоиву дарси ошиқӣ
Дар муҳити нимашаб омӯхтем.

Ақл дар сар, меҳр дар дил рӯшанист,
Аз китоби мунтахаб омӯхтем.

Ҳамнавоиро зи нози хубрӯ
Баҳри таскини асаб омӯхтем.

Ғайри қисмат роҳи дигар низ ҳаст,
Достони булаҷаб омӯхтем.

Сарбаландиро зи Нӯъмони Аҷам,
Бар амирони араб омӯхтем.

«Эй Бухоро шод бошу дер зӣ»,
Сабр аз Мири ғазаб омӯхтем.

* * *

Аз деви зулмат арзиши испедро мапурс,
Аз дилшикаста манзили умедро мапурс.

Хоҳӣ, ки рост рафтаву нуру зиё шавӣ,
Аз аҳли соя ҷодаи Хуршедро мапурс.

Бенаслро миёни ҷамоъа чӣ пурсиш аст?
Аз боғбон ту манзалати бедро мапурс.

Дузд он якеву сад каси дигар гумонбар аст,
Аз издиҳом ҳарфи «шумоед»-ро мапурс.

Озори худситудани кас аз Худо расад,
Анҷоми компронии Ҷамшедро мапурс.

Армони хешро ба ҷафопешагон магӯ,
Аз дилшикаста манзили умедро мапурс.

* * *

Ҳосили боғи мурод аз нахли чандинсола аст,
Мурғи илҳоми дили мо дар табу дар нола аст.

Кӯҳсори сабз, файзи лолаҳоро кам мабин,
Дар баҳорон сурхрӯиҳои ту аз лола аст.

Эй, дило, аз таънаи мансабталошон дур бош,
Барзагови мо ба чашми подабон гӯсола аст.

Ҳар қадар осуда мегардам, валекин ёди ман
Кӯдаки оворасон дар пуштаву дар ёла аст.

Чун кунам тадбир ҷойи файзи борони ҳавас?
Дар сари боғи муроди мо, ки санги жола аст.

Ҳар касеро дар мақоми хеш бошад обрӯ,
Ҷойи модар модар асту ҷойи хола хола аст.

Хӯрдагириҳо ба тобишҳои байти мо макун,
Наварӯси шеъри мо акнун пайи қинғола аст.

* * *

Ғазали замзамаи ноз нагуфтем, дареғ,
Ба дили ғунчаи нашкуфта нуҳуфтем, дареғ.

Ҳама гулзор хазон гашту ҳавас ғофил монд,
Баъди анҷоми баҳорон бишукуфтем, дареғ.

Сари ҳар қофияву мисраъ, ки мо дармондем,
Гавҳари маънии носуфта насуфтем, дареғ.

Пушти дар карда ҳама сабри маро, боке нест,
Хоки даргоҳи ту бо мижа наруфтем, дареғ.

Осиёби фалак аз доираи гардиш монд,
Дона дар хирмани моҳи ту накуфтем, дареғ.

Солҳо васфи қаду сеҳри ҷамолаш кардем,
Як шабе, лек ба паҳлӯш нахуфтем, дареғ,

Рози ногуфтаи бинҳуфта чу ғам борам нест,
Ғазали замзамаи ноз нагуфтем, дареғ.

* * *

«Андешаи мо меваи хом аст» магӯ,
«Мурғи дили мо дар хати дом аст» магӯ.

Анҷоми ҳавасҳои маро хуршедест,
«Субҳи ҳавасам охири шом аст» магӯ.

Бе ном касе ба ҳар куҷо беватан аст,
«Девона ғарибу кӯи ном аст» магӯ.

Соф аст майу дасту дили мо пок аст,
«Май дар кафи дасти мо ҳаром аст?» магӯ.

Шукронаи додаи Худо бояд кард,
«Даргоҳи насиб ин чӣ мақом аст» магӯ.

Ҳар кас ба мақоми номи худ менозад,
«Шаҳзода ба пеши мо ғулом аст» магӯ.

Мо иззату эҳтироми кас медорем,
«Аз тарс баҳона дар салом аст» магӯ.

* * *

Ҳар ки васфи ёри нонӣ мекунад,
Сад ситам бар ёри ҷонӣ мекунад.

Дар мақоми пир ҳам монад ҷавон,
Он касе, к-аз дил ҷавонӣ мекунад.

Дастранҷи мо гули рӯяш бувад,
Ҷойи дигар гулфишонӣ мекунад.

Ширамасти аз қиёмат бехабар
Ҷилва дар дунёи фонӣ мекунад.

Дар шигифтам аз вафодории саг,
Ҷойи мо ҳамсоябонӣ мекунад.

Комёб аст он, ки бо ӯ мурғи дил
Дар дили шаб ҳамзабонӣ мекунад.

Гар касе бар қадри ҷонаш мерасад,
«Мурда-мурда зиндагонӣ мекунад».

Эй хушо, гар ҷуръат аз шерон бувад,
Варна рӯбаҳ қаҳрамонӣ мекунад.

* * *

Маро бигзор дар тоби ту сӯзам,
Ба ёдат хонаи дил барфурӯзам.

Гули домони ту нақши нигоҳ аст,
Чӣ сон бар кӯи дигар дида дӯзам?

Бигуфто гесувонаш дар бари рӯ,
Ки боли мурғи шаб дар дашти рӯзам.

Ҳақиқатзодаи афсонаумрам,
Миёни хушку тар асло насӯзам.

* * *

Мурғи дил ояти падруди туро мехонад,
Хонаи дил пас аз ин ғамкадаро мемонад.

Шамъсон манзалати оташу об омӯзем,
Қадри моро, ки надонӣ ту, Худо медонад.

Ҳосили навдаи хамгашта, ки аз раҳгузар аст,
Боғбон шохаи беруншударо нафшонад.

Ончунон біми писар пеши падар мебояд,
Ҳастии ҷони варо теғи нигаҳ ларзонад.

Аз кафи ҳиммати навкиса ҳазар бояд кард,
Эҳтиёҷи каси раҳгумзадаро кай донад?!

Шубҳа андар дили кас бонги шаҳодат бошад,
Раҳгузарро саги н-ошуфта наметарсонад.

* * *

Аз дидаи ман сурати ӯ дур нашуд,
Бар сози дигар тори дилам ҷӯр нашуд.

Мо ёд накардем намакдодаи худ,
Дар ком ғизои умр то шӯр нашуд.

Тобу таби хештан зи ҷон мебояд,
То шамъ насӯхт, соҳиби нур нашуд.

Яъқуби Набӣ надид гумкардаи худ,
Андар ғами ӯ зи гиря то кӯр нашуд.

Умр аст муқаддасу вале қимати он,
Фонуси фурӯзони сари гӯр нашуд.

* * *

Шайтони нафс фикри муросо намекунад,
Беҳуда хешро ба диле ҷо намекунад.

Бо қавми бадсириштu савори саманди кин
Оқил бувад касе, ки мадоро намекунад.

Хайру сахо ба анҷумане беҳадаф набуд,
Беҳуда харҷ мардуми доро намекунад.

Бошад касе,ки сабр ба ҷон парварад, вале
Дар роҳи ишқ кори Зулайхо намекунад.

Сархамшавии беди лаби ҷӯ зи баҳри чист?
Дасти тиҳӣ ҷасорати боло намекунад.

Оҳуи бодпо наҳаросад зи шери ланг,
Озурда ризқи хеш муҳайё намекунад.

Роҳи нигоҳу дида раҳи хорзор бод,
Чашме, ки дидани ту таманно намекунад.

Домони зан ба дасту гиребони мард гуфт:
Мард аст он, ки сирри худ ифшо намекунад.

* * *

Баъди бадгӯӣ маро ин қадр дилҷӯӣ чаро?
Бар димоғи сӯхта аз нофа хушбӯӣ чаро?

Дар забони дилшикаста талх бошад ҳарфи ишқ,
Васфи турки хубрӯю холи ҳиндӯӣ чаро?

Заҳри тан кардӣ бароям нӯшбоди нози худ,
Дар сари болин ба гӯши мо шакаргӯӣ чаро?

Сураи ихлосро кардӣ бароям рафъи ғам,
Дар дили поки намозӣ феъли ҷодуӣ чаро?

Интизорӣ решаву сабру таҳаммул мева аст,
Гар надорӣ ину он, дар боғ раҳпӯӣ чаро?

Сурхрӯиҳои лола шарм аз ҳоли дил аст,
Дил сияҳ бошад агар, оинӣ хушрӯӣ чаро?

* * *

Бар гӯши дил таронаи нозат муносиб аст,
Савти хамӯшии ту ба сад нағма ғолиб аст.

Як дастро садо набувад дар билоди умр,
Осудагии марду зан аз ҳарду ҷониб аст.

Ин гарди хоки кист, ки дар китфи ту нишаст?
Гуфто: Зи кӯза бошаду асрори косиб аст.

Гавҳаршиноси умр ба ҳақ доварӣ кунад,
Илму ҳунар, ки гавҳари тобони толиб аст.

Тавлид гар барои ҳама як бувад, вале
Мурдан барои бешарафон бемаротиб аст.

Ризқофарини умр зи роҳи ишора гуфт:
Ақли закӣ ба киштаи андеша соҳиб аст.

* * *

Гуфтамаш: Чеҳраи дилҷӯи туро чашми кӣ дид?
Гуфт: Оне, ки садои дили маъшуқа шунид.

Гуфтамаш: Кай зи ту ман баҳра барам? Гуфт ба ноз:
Он гаҳе, ки думи уштур ба замин гар бирасид.

Гуфтамаш: Барфи танатро ба чӣ сон ламс кунам?
Ба шаби моҳи тамуз гуфт, ки борон борид.

Гуфтамаш: Дил ба раҳи ишқи ту шуд, гуфт: Аҷаб,
или сад ошиқи бечора дар ин роҳ тапид.

Гуфтамаш: Гесӯи мушкини ту кай бӯй кашам?
Гуфт: Дер омадаӣ, бод ҳама бӯй шамид.

Гуфтамаш: Сеҳри сухан баҳри ту ман омӯзам,
Гуфт: Устоди ту шогирди маро гашт мурид.

Гуфтамаш: Аз чӣ ба додам нарасӣ? Гуфт бидон:
Кафтари меҳри ту аз боми хаёлам бипарид.

Гуфтамаш: Косаи сабрам чӣ шавад? Гуфт: Бирав,
Коса бар сар бишикан, ранги гули лола чакид.

* * *

Диле, то аз забони шӯъла алфози шарар дорад,
Зи дунёи муҳаббат ахтару шамсу қамар дорад.

Ба ҷавлонгоҳи шерон по ниҳодан кори осон нест,
Ки он ҷо каҷ нишастан, каҷ нигаҳ кардан хатар дорад.

Ба фарзанди итоатпеша зарби панҷа ҷоиз нест,
Худотарс аст фарзанде, ки ӯ бим аз падар дорад.

Сари хамгаштаи беди лаби ҷӯ чист, медонӣ?
Зи ноҷо қад кашидан тарс аз зарби табар дорад.

Надорад боғбон аз раҳгузар биме, чу медонад,
Наёзад даст бар боғе, ки нахли бесамар дорад.

Дар ин маҳфил нишастан туршрӯро ҳеҷ суде нест.
Ки дастархони шеъру шоирӣ ширу шакар дорад.

Ҳама ранҷу азоби хешро бар дӯши мо афкан,
Ки тоби кӯҳи ғамро шонаи Давлат Сафар дорад

* * *

Таштоби рафъи ҷоду зи ҳар байти ман кунед,
Ҳар ҷумъа ҷамъ омада, ҷодушикан кунед.

Дуди кабоби ин ҷигари хомсӯзро
Дар сайри лола тӯшаи боди Ватан кунед.

Афсона ҳам дурӯғи ҳақиқат шавад, агар
Тӯтимасал ситоиши зоғу заған кунед.

Як рӯз тарки мо кунаду бевафо бувад,
Ҷонро, агарчи подшаҳи қасри тан кунед.

Оина аз ғубори нафас тира мешавад,
Дилро, мабод, оина дар анҷуман кунед.

Маънии ишқ он набувад, ки мисоли Қайс
Девонавор нола ба дашту даман кунед.

Гар ҷон бувад сухан ба вуҷуди шарифи мо,
Дил ҷонамози мост, намози сухан кунед.

* * *

Мавҷи фикр он гаҳ, ки дар гирдоби мазмун меравад,
Эътибори ақл аз доира берун меравад.

Ишқ дар дил оташ асту сӯзиши беҳуда нест,
Нолаи ошиқ аз ин оташ ба гардун меравад.

Офиятро нест оромӣ ба саҳрои ҳавас,
Варна Маҷнун аз чӣ бар домони ҳомун меравад?

Чист баҳри Кӯҳкан подоши қисмат то кунун?
Ҷои шир аз синаи кӯҳи алам хун меравад.

Ёр имшаб мекунад сад пора қалби решро,
Шод омад бар дарам, аз дида маҳзун меравад.

Лутфи Аллоҳ аст моро Давлати дунёи ишқ,
Аз хаёлам дар дили шаб ганҷи Қорун меравад.

* * *

Гоҳе, ки зулфи ёр ба чанголи шона буд,
Дар ҳар гиреҳи зулф ниҳон як баҳона буд.

Дандони мо зи себи занахдон газиду гуфт:
Эй хуш касе, ки аз пайи нақшу нишона буд.

Раҳ рафтану ба ишва нигаҳ карданат ба мо,
Шаҳбайти нонавиштаву тарҳи тарона буд.

Дар мактаби муҳаббату ишқи ту, сад дареғ,
Тадриси мо ба илму амал ғоибона буд.

Дар рӯзи ҳашр баҳравари нури Ҳақ шавад
Оне, ки дар нигоҳи падар шамъи хона буд.

Дар банди дил нигоҳи аҷибат гираҳ бизад,
Ҳимматбаландии ту магар ҷовидона буд?

Шаб ранги мӯи туст, надорам ҳарос аз он,
Ларзиш ба панҷаҳои ман аз рашки шона буд.

## БОРОНИ ЛУТФ

*Барои Лоиқ*

Ҳамон ишқе, ки пайдояш намуд аз дард, Лоиқ буд,
Ҳамон хоке, ки бунёдаш намуд аз гард, Лоиқ буд.

Чу Яъқуби таманно чашмро бо ишқ бино кард,
Ҳамон пайке, ки бар Канъони шеър овард, Лоиқ буд.

Ба мушки нофаи шеъре, ки фахри сад гулистон аст,
Шукӯҳи Хусравониро самоӣ кард, Лоиқ буд.

Парешонҳолиро аз ҷамъи бедардон парешон кард,
Ҳамон гармӣ, ки ҷуё буд ҳар дилсард, Лоиқ буд.

Зи поафтодагонро ҳамсафар будан ҷавонмардист,
Ливобардори панди Рӯдакиро мард, Лоиқ буд.

Чу оташ худфурӯзиро тараннум карду ҷон бахшид,
Ба рӯи шеър сурхӣ буд ҷойи зард, Лоиқ буд.

Агар борони лутфи Ҳақ ба рӯди шеър сел овард,
Ҳамон ганҷе, ҳамон ганҷе, ки сел овард, Лоиқ буд.

# ОЯТИ ИШҚ

*Ба Муҳаммад Ғоиб*

Кӯҳ гарде зи ғами бори Муҳаммад бошад,
Кӯҳгардии абад кори Муҳаммад бошад.

Абр аз гиряи ӯ вазъи парешон дорад,
Ҳолати рафта ба рафтори Муҳаммад бошад.

Дар дили match розничагҳдори Бадахшони Сухан,
Ганҷ бинҳуфта зи ашъори Муҳаммад бошад.

Мазҳаби шоирӣ аз оташи ишқ аст қавӣ,
Уммати шеър талабгори Муҳаммад бошад.

Хилъати табъи равонаш зи матои сабр аст,
Лутфи Ҳақ нозири бозори Муҳаммад бошад.

Гарди хокистари сӯзони шафоат гардад,
Ҳар касе аз пайи озори Муҳаммад бошад.

Ояти ишқ ба ҳар ҷо, ки ба лаб меорӣ,
Ҳусни сарлавҳаи осори Муҳаммад бошад.

Ман, ки аз ғоибу аз ҳозири ӯ бохабарам,
Олами меҳр харидори Муҳаммад бошад.

ЁСУМАНИ ШЕЪР

*Барои шоираи нозукбаён Фарзона*

Забони шеър тӯӣ, шеър ин паёми ту аст,
Кабутари нафаси гарми шеър роми ту аст.
Фазилате, ки дуои фариштагон дорад,
Кароматаш чи хушо, ки ба кому номи ту аст.

Бигӯ, бигӯ сухани ишқ, зеби анҷуманӣ,
Бигӯ ту аз Ватани ишқ, соҳиби Ватанӣ.
Нафас-нафас бисаро, то қафас-қафас бираҳем,
Шаҳомати ҳама тасвирҳои Ёсуманӣ.

Каломи ишқ, майи ишқ, ҷоми ишқ турост,
Дигар касе, ки сарояд ба ишқ, ҳарфи хатост.
Садо-садо ту бубахшо ба шеър, бонг бизан,
Садои булбулу кабки чаман ба гӯш ҷафост.

Биё, ки бо ту гули ишқ ҳам кушояд рӯ,
Ба мушку анбари шеъри ту мешавад хушбӯ.
Биё, биё, ки малак дар ниёзи нози ту аст,
Биё, ки гӯши фалак бо садот гирад хӯ.

Ба доми ишқ, ки ҳушёр гашт девона,
Вафову аҳд надорад чу духтари хона.
Вале ба олиҳаи шеъру шарҳи бесуннат,
Мисоли фарз бувад гуфтаҳои Фарзона.

ШУКӮҲИ ГАНҶ

*Ба Дилафрӯз Амирқулова*

Ба дил шамъи фурӯзонӣ, Дилафрӯз,
Ба мушкил роҳи осонӣ, Дилафрӯз

Ҳама пайвандҳо бигсаст аз дил,
Ту пайванде, ки дар ҷонӣ, Дилафрӯз.

Хати бишкастаи тақдир кӯр аст,
Ду чашми файзу эҳсонӣ, Дилафрӯз.

Матои меҳр пояндоз гардад
Ба ҳар ҷое, ки по монӣ, Дилафрӯз.

Ба кӯҳи сарбаландиву садоқат
Шукуҳи ганҷи паймонӣ, Дилафрӯз.

Ба сад дарди дигар бикшода оғӯш,
Ҳамон дарде, ки дармонӣ, Дилафрӯз.

Чӣ сон он гӯяму ин гӯям, эй дӯст,
Ба ҳар сон тоҷи инсонӣ, Дилафрӯз.

ЭҲСОС

*(ба ҳамсарам)*

Ба сони дарду алам дар дилам нуҳуфта туӣ,
Ба сафҳаи назарам мисраи нагуфта туӣ.
Ҷамоли ҷилва намову ба ҷилва ноз бубахш,
Ба баҳри шеъри тарам гавҳари насуфта туӣ.

Дигар чу арзиши ишқи ту нест арзишманд,
Дигар зи пирии пири муғон нагирам панд.
Дигар, дигар нашавам, то ки ман дигарбора
Чу тифли хом напечам даме ба риштаи фанд.

Ба ҷилва мегузарӣ, дил, ки зор мемонад,
Зи баъди рафтани ту чашми чор мемонад.
Чу зулфи даршиканат ҳар гаҳе шикаст дилам,
Зи ину он ба таманно хумор мемонад.

Ба моҳии дили ман баҳри ишқ бепаҳност,
Аз ин сабаб ба раҳи доми шаст бепарвост.
Ҳар он, ки дастдарозӣ кунад ба шохи баланд,
Нумӯи нахли ғурураш ба умр побарҷост.

МАВҚЕЪ

Исми ман бо садоқат аст пайванд,
Раҳи ман нест бастаи ҳар банд.
Якдилу якмарому якдинам,
То ба андеша раҳ наёбад фанд.

Пар кушоям ҳар он гаҳе чун боз,
Бо кабутар набошадам парвоз.
Гар бубинам, ки нест ҳамсангам,
Рӯй метобам аз фарози ниёз.

Якравиям магӯ, ки беақлист,
Даҳ, ки гуфтам, намешавад он бист.
Раҳ гирифтам агар ба роҳи нанг,
Раҳ магирам магӯ, ки «Ҳоло ист»!

## ДАР ФУРӮДГОҲ

*Ба устод Бозор Собир*

Дар ҷодаи хатсайри Душанбе ба ИМА,
Эй кош, ки мебуд ҳаво ҳам номусоид,
Мегашт ҳама ҷуд,
Имкони паридан ба ҳавопаймо намешуд.
Бозор намерафт,
Бозори пур аз зинати ашъор намерафт,
Бозори ҷафодидаи бозор намерафт.

ШАМСИ ТАБЪ

*Ба Абдураҳмони Абдуманнон*

Тан хатогоҳи ҷони инсон аст,
Дил ҳам аз буданаш пушаймон аст.
Шамси Табрезӣ ёфт Мавлоно,
Шамси мо табъи Абдураҳмон аст.

## ...ДОМОНИ РУБОИРО БА ДАСТАТ ДОДАМ

Дар бистари кӯҳ шаб кушояд гесӯ,
Дар панҷаи боди рав бисояд гесӯ.
Хуршед зи пушти кӯҳ раҳ мепӯяд,
То духтари шаб ҷамъ намояд гесӯ.

Мӯҳтоҷи дари хонаи номард кӣ гашт?
Он кас, ки ба ҳоли хеш з-андеша гузашт.
Гунҷишк зи лона пар кушояд ҳар субҳ,
Чун медонад ризқ муҳайёст ба дашт.

Хоб аст ҳар он касе дар оғӯши замин,
Дар қаъри замин фитода аз души замин
Рӯзе, ки ба даҳр чашм бикшодем мо,
З-он рӯз кашол аст ба мо ҳуши замин.

Дар маҳфили ишқ нақли беҳуда макун,
Бар реши дили мо намаки суда макун.
Дар хонаи дил аз алами раҳпоӣ,
Оташ, ки задӣ шикоят аз дуда макун.

Ҳар гаҳ, ки барорад ба алам най нола,
Бар ёд ҳамерасад ғами садсола.
Ҳар сол ба анҷоми баҳорон гӯё
Оҳи ҷигари замин бирӯяд лола.

Ҷон аст ба мо амонати умр ба тан,
Аъмоли хиёнаташ зи андеша фикан.
Муште, ки зи баъди рафтани ағёр аст,
Бардор баланду бар сари хеш бизан.

Бод аз ғами бӯи ту шабе марсия гуфт,
Дар вазни рубоӣ гуфт, беқофия гуфт.
Бар гӯши замини сӯхта абри гузар,
Бо шеваи борон ба алам таъзия гуфт.

Гӯянд, ки кори нек умри абад аст,
Ҳар кас, ки агар бад аст, ӯ деву дад аст.
Дар нимашабӣ боди гузар бо борон,
Аз пушти арӯси сол дар қад ба қад аст.

Боде, ки ба бӯи ту қаландар шудааст,
Саркӯб чу девона ба ҳар дар шудааст.
Гуфтӣ, ки чаро уф-уфи беҳуда кунад?
Аз кашмакаши зулфи ту шалпар шудааст.

Чандест рабудаӣ табу тоби маро,
Дар чашм бубастаӣ раҳи хоби маро.
Дар дашти самои ишқ раҳ гум кардам,
Бигрифта буданд баски маҳтоби маро.

Тифл аст агар зи шираи луқмаи пок,
То пирӣ ба чашми кас нагардад бебок.
Аз синаи модарем гар ширдаҳан,
Пас хокдаҳан шавем дар синаи хок.

Сарчашмаи нози ишқ дар хоби ту аст,
Озодии дил шиори аҳзоби ту аст.
Симоби муҳаббати ту пок аст маро,
Дар дил, ки ҳавосанҷи табу тоби ту аст.

Хандидани тифли рӯзро субҳ кӣ дид?
Аз синаи моҳтоб шаб шир макид.
Сурхии шафақ чӣ буд дар тавлидаш?
Хуршед ба теғи нур нофаш бибурид.

Маҳтоб зи рӯи ту агар шарм кунад,
Шаб мӯи пареши хешро чарм кунад,
Савдозадагиҳои маро таъна мазан,
Бозори муҳаббати туро гарм кунад.

Як зумра ситора дар паропар дидам,
Дар ҳолаи моҳ хоби тундар дидам.
Гуфтӣ зи қиёми абр боке набувад,
Пас мӯи шаби сияҳ-т чаро тар дидам?

Маҳ ба сари хеш чодари абр кунад,
Монанди арӯси бенаво сабр кунад.
Он қадр назорааш парешонҳол аст,
Хушдомани шаб гӯӣ ба ӯ ҷабр кунад.

Аз кӯча насими субҳ олуфта гузашт,
Нашкаст хумори хеш, ошуфта гузашт.
Асрори нагуфтаи фалакро дишаб,
Абри сари пушта бар замин гуфта гузашт.

То он ки туро надидам, эй навдаи тар,
Кай доштам аз валвалаи ишк хабар?!
Дар қаъри танӯри синаам ишқи ту кард,
Бо сӯхтанаш нони дилам хокистар.

Ин Юсуфи дил ба Мисри ишқат мир аст,
Яъқуби хаёлҳои ман дилгир аст.
Дар хоки нишонаи Зулайхои ҳавас,
Гумгашта ба ормон хатои тир аст.

Бегона ба ошнои мо гардад дӯст,
Коҳест, ки ҷой гашта андар таги пӯст.
Нек омада гар касе зи батни модар,
Дар батни замин оқибати ӯ некӯст.

Шаҳбайти дилам дар хати ожанги ту буд.
Оромии дил ба сина аз ҷанги ту буд.
Армони дили шафақсириштам гӯё,
Дар субҳи умеди мӯи шабранги ту буд.

Модар гуфто: «Чист азизи ҷонаш?»
Фарзанд бувад ҷавоби ин чистонаш.
Гуфтанд, азоби зиндагият аз чист?
Дандон задаам ба тифлӣ дар пистонаш.

Ё раб, ту маро зор ба ҳар дар накунӣ,
Домони дилам ба ашки ғам тар накунӣ.
Мӯҳтоҷи чашидани мавизе ҳаргиз,
Моро зи шумори чил қаландар накунӣ.

Ношукр бувад касе ба даргоҳи сухан,
Пайдо накунад ба зиндагӣ роҳи сухан.
Ҳар кас, ки агар қадри сухан бардорад,
Бошад ба самои анҷуман моҳи сухан.

Шаб аз ғами ту шикояте дошт дилам,
Аз нолаи най ҳикояте дошт дилам.
Гуфтӣ, ки магӯ зи хатми ҳарду, аммо,
Аз саҷдаи шукр ояте дошт дилам.

Дар доми фиребу фандам аз пушти дилам,
Ҷуз феъли ҷунунӣ нест арғушти дилам.
Девору дари синаи ман гашт хароб
Аз зарбаи хорошикани мушти дилам.

Эй ишқ, табу тобу тавонӣ ту маро,
Дар суфраи меҳри даҳр нонӣ ту маро.
Аз рафтани ҷони бевафо бокам нест,
Илло, ки ба тан ба ҷои ҷонӣ ту маро.

Дар дил ғаразу кина надорам ба касе,
Чун бод ҳамоғӯш нагардам ба хасе.
Ишқ аст чу дарёву дар он моҳии дил,
Мӯҳтоҷ набошад ба ягон ҳамнафасе.

Ёре, ки агар зи тобу таб метарсад,
Аз воҳимаи бӯсаи лаб метарсад.
Бигристани шамъ зи он аст, магар,
Аз даҳшату торикии шаб метарсад?!

Тундар заду дар дашти само зилзила шуд,
Борон ба ҳавои бод дар силсила шуд.
Аз қатраи борони баҳорӣ дишаб,
Дар нӯги забони барги гул обила шуд.

Ман маҳви хумори ёр будам, афсӯс,
Бесабрии сад қарор будам, афсӯс.
Дилмурдагии маро чӣ мепурсӣ дигар?
Дар зиндагӣ мурдадор будам, афсӯс.

Эй ҳамнафасо, ҳамсафаро, додрасо,
Ишқ аст нишони ҳастии ақли расо.
Дар барги дарахти сарв сабт аст чунин:
Аз шохаи каҷ наметавон кард асо.

Дишаб, ки садои барқ дар силсила шуд,
Дар домани дашти осмон зилзила шуд.
Ин силсилаву зилзила гӯӣ, ки чӣ буд?
Аз боиси абр осомон ҳомила шуд.

Боде, ки зи рӯи ёр бӯсида гузашт,
Пиндошт маро рақибу нодида гузашт.
Дил гуфт ба ин бебасарӣ рашк мабар,

Раҳгумзада буду зи ту тарсида гузашт.

Ёре, ки дили боз надорад, чӣ кунам?
Майлу ҳаваси роз надорад, чӣ кунам?
Дар қасри харобгаштаи мулки танаш
Девору дари соз надорад, чӣ кунам?

Аз мактаби зиндагонӣ матлаб ҷӯед,
Аз курсии хеш панди мансаб ҷӯед.
Аз сурхии нӯги қалами шамъ чу мо,
Асрори нуҳуфтаи дили шаб ҷӯед.

Мо дил ба касе диҳем, к-ӯ дилбари мост,
Ҳамболи ҳамонем, ки болу пари мост.
Дар шебу фарози умр чун сояву тан,
Мо дар бари он касем, к-ӯ дар бари мост.

Аз лола шуд олуда ба хун домани дашт,
Борон заду доғи доманаш тоза нагашт.
Як ҳафта арӯси сол дар ҳайз нишаст,
Чун пок бишуд, фасли гули лола гузашт.

Наврӯз, биё, дил ба раҳи тантана аст,
Оинаи рӯзгори мо анъана аст.
Аз ишқ бубахш нур ба ҷону танам,
Девору дари дилам ҳама равзана аст.

Дар гӯши фалак тарона хонад дили ман,
Бо нағмаи ошиқона хонад дили ман.
Аз гулшани ишқ мурғи илҳомамро,
Пайваста ба сӯи хона хонад дили ман.

Амвоҷи баҳонаҳо, ки шабҳои ту аст,
Дарде, ки ба мост, аз сабабҳои ту аст.
Бо ёди ту ҳар мисраъ, ки эҷод шавад,

Дар вазни арӯзи байти лабҳои ту аст.

Лабташнагиро дар лаби ёрам шиканам,
Дар оғӯши сабзи навбаҳорам шиканам.
Завлоназанон зи ишқ бар гардани нафс,
Бо шишаи май санги хуморам шиканам.

Бар ҳар гули навшукуфта дил мебандам,
Бар рози дили нагуфта дил мебандам.
Бедорӣ агар ба ишқ бахшояд дард,
Дар ишқ ба ёри хуфта дил мебандам.

Бигзашт ҳар он ситам, ки бар мо кардӣ,
Дилгарм шудам пас аз ҳама дилсардӣ.
Рӯбаҳ накунад ҷуръати шерона ба умр,
Номард чӣ мекунад ба ҷуз номардӣ?

Азбаски хаёли хом дорад дили ман,
Сарводаи нотамом дорад дили ман.
Аз шодии дурӯзаи худ ҳеҷ маноз,
Дар кишвари ғам мақом дорад дили ман.

Хуршед бувад ишқу ғаму дардаш ҷуд,
Об ар нафишонӣ, накунад оташ дуд.
Шамъе, ки агар зи баъди мо афрӯзӣ,
Дар умр дигарбора намеорад суд.

Аъмоли накӯи Ҳотам аз мардӣ буд,
Кӯҳи тилло ба чашми ӯ гарде буд.
Он куфу суфе, ки бод сӯи мо кард,
Бар гесӯи ту дуои дилсардӣ буд.

Вақте ки никоҳи ёри чинӣ кардам,
Гуфтанд, ки кори ғайри динӣ кардам,

Дар сояи Чилчанору чил кокули ёр,
Бо чил ҳунарам чилланишинӣ кардам.

Ишқи ту ба дарду ғам қаринам кардаст,
Сад роз ниҳон дар хати чинам кардаст.
Бо саҷдаи шукр дар ибодатгаҳи ишқ,
Чил кокули ту чилланишинам кардаст.

Эй ёр, намегӯӣ чаро рӯзардӣ?
Ку чораву чорагар дами дилсардӣ?
«Дунё ба умед» гуфтиву лек, афсӯс,
Навмед маро ба роҳи ишқат кардӣ.

Бисёр сухан магӯ зи андешаи кам,
Умр аст нафас агар, ғанимат ҳар дам.
Дар хони муҳаббати ту, эй олами роз,
Аз дидани гушначашмият сер шудам.

Сард аст ба ошиқӣ танӯри дили ман, Д
ар меҳр асар нест зи нури дили ман.
Ишқи ту шавад зи баъди марги ғофил,
Санги армон бар сари гӯри дили ман.

Дар банди нигоҳи хеш бастӣ дили ман,
Гулмоҳинамо шудӣ ба шасти дили ман.
Дар фасли баҳори умр афсӯс, афсӯс,
Пайванд нагаштиву шикастӣ дили ман.

Ҳар дил, ки агар шамъ ба ҳар анҷуман аст,
Қадраш ҳама ҷо шукӯҳи лаъли Яман аст.
Тобу таби ошиқӣ маҷӯ аз дигаре,
Ин гармии хуни ишқ дар набзи ман аст.

Дард аст агар ишқ, давояш сабр аст,
Дил сард шавад, агар ҳавояш абр аст.

Дар ишқ ҳар он касе агар булҳавас аст,
Пайваста ба зиндагӣ насибаш ҷабр аст.

Дидам гули навшукуфтаро дар лаби ҷар,
Алвонҷ ҳамехурду ҳамедод хабар:
Хуб аст шукуфтан тани танҳо, аммо
Дар байни ҷамоа бошӣ эмин зи хатар.

Дар ёди шабам хаёли рангини ту буд,
Шаҳмисраи гуфта аз хати чини ту буд.
Дуди ҷигари сӯхтаи ошиқи зор,
Аз валвалаи дуову омини ту буд.

Дар нофи анори ту пайи дандон аст,
Ин нофбуридании тифли ҷон аст,
Гуфтӣ, чӣ шавад ба гӯши ошиқ чу расад?
Бишнидани овоза магар осон аст?!

Вақте ки ситора аз само меафтид,
Аз атсаи ғӯли шаб ту гӯӣ, ки парид.
Гуфтӣ, зи само ба атса чизе нафитад,
Пас, мурғи шаб аст бар сари субҳ расид.

Дар тантанаи маъракаи саршӯён,
Дишаб ба арӯси сол ҳам гашт аён.
Аз расму русуми неки тоҷик танҳо,
Афшондани оби абр буд хотирмон.

Дар абри сафеди мавсими тобистон,
Дидам ғарами пахтаи марди деҳқон.
Тоҷик зи чашми дузд гӯё ганҷаш,
Дар домани осмон намудаст ниҳон.

Фарзанд равад ба роҳи бад, ҳайф шавад,
Бе роҳнаварди меҳр сад ҳайф шавад.
Нек аст, агарки зан ба доми мард аст,
Марде, ки ба доми зан фитад, ҳайф шавад.

Аз минбари дил касе сухан мегӯяд,
Асрори ниҳони анҷуман мегӯяд.
Ояд ба Ватан рӯҳи ғариб аз паси марг,
Вақте ки ба набзи ҷон Ватан мегӯяд.

Ошиқ, ки ба хоби хеш бинад кобус,
Дар хонаи дил зи ишқ гирад фонус.
Ғам луқмаи ҳар диле насозад худро,
Моил ба касе шавад, ки дорад номус.

Аз соя ба мо сояи санг аст беҳтар,
Аз каҷрави роҳи рост ланг аст беҳтар.
Аз худкуши бегонапарасти бенанг,
Сад душмани парвардаи нанг аст беҳтар.

Ин табъи равони ман равон мемонад,
Меҳри Ватанам дар дилу ҷон мемонад.
Дар пушти дили фишурдаҷонам то марг,
Аз панҷаи ишқ сад нишон мемонад.

Рафтӣ зи барам, махон суруди падруд,
Дар сӯхтанам асар наёбӣ аз дуд.
Зинҳор магӯ пеши рақиби худхоҳ,
Ӯ ошиқи бечораи савдозада буд.

Маҷнун, ки гаҳе зи шаҳр бар бодия рафт,
Аз зӯрии дарди ишқ бар ҳошия рафт.
Гум кард раҳи кӯҳи баланди мазмун,
Дар шеър касе, ки аз пайи қофия рафт.

Пайроҳаи назми мо, ки аз тақлид аст,
Шаҳмисраи навгуфта бароям ид аст.
Соҳибназаре зи роҳи андешаи мо
Дурдонаи баҳри шеър кай мечидаст?

Девона зи ҳоли мо гаранг аст мудом,
Дар шишаи мо тинати санг аст мудом.
Бар мурғи дили мо, ки парафшон бошад,
Дардо, қафаси сина, ки танг аст мудом.

Нахле, ки дар ӯ ному нишони самар аст,
Дар барги тараш мӯҳри қазову қадар аст.
Булбул ба забони нағма гуфто бар гул:
Шӯри дили мо шеъри Ашӯри Сафар аст.

Борон зи матои абр чун нах бошад,
Савташ чу навои форами Бах бошад.
Гуё ба саропои дарахти шаҳтут,
Ҳар донаи мевааш чу озах бошад.

Дар нохуни сабзи панҷаи барги чанор
Микроз ҳамезанад гаҳе боди баҳор,
Ҳушдор ҳамедиҳад ту гӯӣ бар мо,
Аз ҷамъ бурида мешавад охир хор.

Бишкуфтани гул ҳаловати ҷон мешуд,
Дар роҳи назора мушкил осон мешуд.
Ҳар қатраи борони баҳори дилҷӯ
Дар гардани гул мӯҳраи марҷон мешуд.

Ғам бори гарон, бори гарони ишқ аст,
Бишнидани рози дил тавони ишқ аст.
Ҷоне, ки ба қасри тан чу меҳмон бошад,
Медор азизаш, ки ӯ ҷони ишқ аст.

Меҳр аст агар дурри сухан суфтани мо,
Ишқ аст ба зиндагӣ Ватан гуфтани мо.
Гуфтӣ, ки зи як гул ту маҷӯ пайки баҳор,
Сад пайки баҳор аст ба бишкуфтани мо.

Бишкан ту хумори дидаи пазмонам,
Садпора макун ба дасти ишқат нонам.
Аз бобати ишқу меҳрубонӣ як бор,
Ҷонам, ки намегӯӣ, масӯзон ҷонам.

Гуфтам, санамо чӣ мешавад охири кор?
Гуфто, ки ба ҷуз сабр надорем барор.
Гуфтам, ки ғаму дарди туро тобам нест,
Гуфто, ки ба души дил бувад ин ҳама бор.

Аз синаи абр шири найсон омад,
Ғурридани раъд бар шабистон омад.
Гуфтанд, чаро садош номафҳум аст?
Гуфтам, ки зи тарфи Ӯзбакистон омад.

Хуршед, ки дар бому дари Кӯлоб аст,
Болидани ӯ болу пари Кӯлоб аст.
Рӯсурхии мову лолазорони Ватан,
Аз гармии хуни ҷигари Кӯлоб аст.

Ман рози дили хеш нагуфтам бе ту,
Дар оғӯши хоби шаб нахуфтам бе ту.
Шаб гавҳари баҳри шоириро як дам,
Сад бор фишурдаму насуфтам бе ту.

Вақте ки Аюбӣ ҳам зи Кӯлоб омад,
Бар ҷони сухан гӯӣ табу тоб омад.
Аз хоки фазилатсамари Кӯлобаш,

Бардоштани шукӯҳи Лучоб омад.

Аз боғи умед аст ҳама ҳосили ман,
Аз кӯҳи садоқат аст обу гили ман.
Дар мамлакати ишқи ту, эй олами роз,
Сарсабз бувад якумра шаҳри дили ман.

Осоиши зиндагии мо аз бахт аст,
Аҳд аст агар тоҷ, вафояш тахт аст.
Сад санги маломат ар биафтад зи фалак,
Бар фарқи саре занад, ки ӯ сарсахт аст.

Дар доми фиреби ишқ мурдан ҳайф аст,
Ҷоне, ки азиз нест дар тан, ҳайф аст.
Бар марди зи ишқу меҳрубонӣ ғофил,
Билло ба Худо, ки нохуни зан ҳайф аст.

Болои сарам абри гузар соя нашуд,
Подоши қалам ба умр сармоя нашуд.
Он лаҳза, ки девори дилам меафтид,
Афсӯс, ки чӯби қаламам поя нашуд

Оҳи ту ба кошонаи дил дуда бувад,
Оина зи дидани ту осуда бувад.
Қаддам чу аломати савол аст агар,
Пас, «чуну чаро?» пурсиши беҳуда бувад.

Оина зи рӯи зиштрӯ дилгир аст,
Дарвеш ба ҳоли хеш беҳ аз мир аст.
Тадбир ба ҷурми ҳар ҷавон ёбад пир.
Пире, ки ҷавонӣ мекунад, бепир аст.

Номуси Ватандор футӯҳи Ватан аст,
Аз баҳри Ватан киштии Нӯҳи Ватан аст.
Эй ҳамватанон, ҳамватанӣ бояд кард,

Сарҷамъиву осудагӣ рӯҳи Ватан аст!

Дар ҷавҳари давлати дуо номи ман аст,*
Ҷавлонгаҳи шаҳбози зиё боми ман аст.
Хуш бош, ки ризқи чӯҷаи илҳомат,
Нонрезаи хони мурғи илҳоми ман аст.

Оини бародарӣ фазилат бошад,
Номуси Ватан шукӯҳи миллат бошад.
Сарқонуни сарнавишти мо дар олам,
«Ал-қонун»-и сад давои иллат бошад.

Осудагии замона аз қонун аст,
Иқболи накӯ ҳамешагӣ афзун аст,
Эй дӯст, биё, меҳру муҳаббат варзем,
Сарсабзии мо зи юмни Сарқонун аст.

Бахти ҳама бахту бахти мо Сарқонун,
Шаҳномаи тоҷу тахти мо Сарқонун.
Бар чашми ҳасуду рашки кӯтаҳназарон
Девори низоми сахти мо Сарқонун.

Эй дӯст, магӯ банди чарову чунем,
Мо бандахудову банди сад қонунем.
Бар ганҷи кӯҳи дигар надорем ниёз,
Сар бар сари сармояи Сарқонунем.

Аз ҷаҳд ба ризқи хеш асҳоб шудем,
Дар кӯҳи баланди ном арбоб шудем.
Дар ҳар вараqи кушодаи Сарқонун,
Сад ранҷ ба сар кашида, даҳ боб шудем.

Сад нома аз ин пеш агар буд маро,
Аз номаи бахт кай хабар буд маро?

Сад ояту даҳ сура аз ин Сарқонун,
Раднома ба чашми качназар буд маро.

Аҳдат ба вафо ракъати фарз аст маро,
Беаҳдии ин қофила қарз аст маро.
Бар номи ту аз мояи шаҳномаи дил,
То кунҷи лаҳад номаи арз аст маро.

Он кас, ки ба ишқ фикри рӯшан дорад,
Мефахрад аз он саре, ки бар тан дорад.
Мард аст ба умру шаҳсавор аст ба ишқ,
Дар даст лаҷоми ҷилваи зан дорад.

Гумкардаи хешро ба ҷон меҷӯям,
Ҷон буд ба тан, бахри ҳамон меҷӯям.
Ман решаи нахли ҳафт пушти худро,
Аз пуштаи сабзи Балҷувон меҷӯям.

Ман луқмаи нон аз кафи дастам хурдам,
Май аз лаби ёри майпарастам хурдам.
Сад бор агар тавба намудам аз май,
Сад бори дигар тавба шикастам, хурдам.

Рафтам зи туву дигар наоям, афсӯс,
Дар банди ғам аст ҳарду поям, афсӯс.
Дар мансаби ошиқӣ, ки ғофил мондам,
Курситалабе гирифт ҷоям, афсӯс.

Вақте ки задӣ шона ту зулфонатро,
Куштӣ ба назора ошиқи ҷонатро.
Аз рашк ба шона панҷа гуфто бас кун,
Варна шиканам сивуду дандонатро.

Тоҷик магӯ касе, ки афғон дорад,
Сад нола ба дил, майли найистон дорад.

Тоҷики асилу тоҷбарсар он аст,
То охири умр Тоҷикистон дорад.

Беҳрӯзии мо зи тоҷу тахти мо шуд,
Покиза зи ёд рӯзи сахти мо шуд.
Сад шукр, ки бахтномаи мо дар даст
Сарномаву шаҳномаи бахти мо шуд.

Рафтӣ зи барам, дигар чӣ ҷӯӣ ту маро?
Чун ранги парида аст рӯи ту маро.
Аз гиряи шаб зи ғам гулӯгирам ман,
Эй луқмаи дар даҳан, чӣ гӯӣ ту маро?

Эй дил, хабари нуҳуфта пайғоми ту буд,
Мурғи дили ёр дар хати доми ту буд.
Бар коми дигар шаҳд шуду ишқ омӯхт
Он кас, ки ба зиндагонӣ бар номи ту буд.

Аз ишқ ба дарди ишқ раҳ паймудам,
Гарде ба лаби домани дарде будам.
Гуфтӣ, ки зи сабри дил набошад судат,
Бар хеш зи ҷабри ту зиён афзудам.

Дарёдилеро надида хун шуд дили ман,
Дар бодияи ишқ ҷунун шуд дили ман.
Эй сӯз, чӣ меҷӯӣ ту дар сина дигар?
Дар оташи ишқ сарнагун шуд дили ман.

Меҳри ту ба номи мо намеояд рост,
Шаҳди ту ба коми мо намеояд рост.
Нози ту ба завқи пири садсола хуш аст,
Субҳи ту ба шоми мо намеояд рост.

Хушбахт ҳамоне, ки самар мемонад,
Сар дар бари ёри хушназар мемонад.

Бадбахт касе, сӯзу гудози кина,
Чун заҳри тамоку дар ҷигар мемонад.

Мо роҳи мураккабему оддӣ ҷӯед,
Аз ишқ нишони босаводӣ ҷӯед.
Нокомиву номуродии ошиқро,
Аз маънии ашъори Муродӣ* ҷӯед.

Дил буд ҳамон оинаи тоза, шикаст,
Бас боли кабутарони овоза шикаст.
Ишқи ту ба шӯр омаду бо дасти ғазаб,
Дар қасри дилам зулфаки дарвоза шикаст.

Аз омаданат садои дарвоза нашуд,
Кай ошиқӣ кардаӣ, ки овоза нашуд?
Шаб об шудам, вале ғубори ғами ту,
Аз оинаи дидаву дил тоза нашуд.

Дар пирии ишқи ту ҷавонӣ кардем,
Нашкуфта чу ғунча зиндагонӣ кардем.
Дар ёди муҳаббати фаногаштаи ту,
Дишаб ману дил марсияхонӣ кардем.

Ҳар кас, ки дуои пир агар мегирад,
Бар тири нигоҳи бад сипар мегирад.
Метарсам аз он шабе, ки сарлашкари ғам,
Дилро чу асир бехабар мегирад.

Роҳи нафасам гирифта аз оҳи дил аст,
Юсуфнасаби ишқи ту дар чоҳи дил аст.
Эй ишқ, даруни синаам шӯр ангез,
Ғам омадаасту дар қабулгоҳи дил аст.

Гар сеҳргарӣ ба умр пайванд шавад,
Шодиву нишоти ишқ дар банд шавад.

Талх аст агар меваи нахли ошиқ,
Аз сабру таҳаммулу вафо қанд шавад.

Гӯянд агар, ки кам бувад умри дурӯғ,
Пас дар дили шамъи базми шаб нест фурӯғ,
Он қадр зи ҷабри ошиқӣ сӯхтаам,
Пуф кардаву дам кашидаам косаи дӯғ.

Эй ёр, зи феъли олакат метарсам,
Аз дидаи лоуболакат метарсам.
Чун пойи дилам газид мори ғами ишқ,
Аз ҷунбиши чил ҷамолакат метарсам.

Он рӯз, ки боғи умри мо Меҳан шуд,
Ҷон меваи ширини дарахти тан шуд.
Ишқ омаду тӯфон шуду дар гирдобаш,
Ширинии умр донаи арзан шуд.

Дар минбари кӯҳи Ватан озодасухан
Гуфтанду бигӯем, ки бошад Меҳан.
Бо дидаи баста бехато бинвиштан,
Андар хати рост меҳану ишқи куҳан.

Дар омадану рафтани мо як сабаб аст,
Андар хати умр нақши ному насаб аст.
Дил гуфт ба дард: сабақи умр аст ин,
Ғам шод шавад, ки мурдашӯяш тараб аст.

Гар ошиқи дилсӯхта содиқ бошад,
Андар бағалаш китоби Лоиқ бошад.
Он арзиши бебаҳои холи лаби ту,
Дар мардумаки дидаи ошиқ бошад.

Аз дидаи пазмоншуда чун хоб марав,
Аз маҳфили ишқ бе табу тоб марав.

Ҳарчанд миёни обу оташ будӣ,
Аз чашми дили сӯхта чун об марав.

Эй дил, хати суфтаи туро мехонам,
Сад рози нагуфтаи туро мехонам.
Ман аз вараќи барги гули нашкуфта,
Асрори нуҳуфтаи туро мехонам.

Ҳангоми гузар бигуфт боди саҳарӣ:
Эй мурғи чаман, зи ҳоли мо бехабарӣ.
То чанд ба гӯши мо садои зоғ аст?
Хонӣ ту, бихон ба табъи Давлат Сафарӣ.

Эй дил, ҳама бори умри дурӯза макаш,
Бар ҷоми умед май зи ҳар кӯза макаш.
Маштоб ба ҳар ҷодаву осема машав,
То об набинӣ ба раҳат, мӯза макаш.

Роҳе, ки агар кач аст, бодо баста,
Оқил накунад хеш ба ин раҳ хаста.
Кач буд магар қолаби танги сина,
З-он хишти дили фишурдаҷон бишкаста.

Як олами ганҷи бебаҳо гум кардам,
Қоруннасаби меҳру вафо гум кардам.
Саҳрои дилам сӯхт, ки дар паҳнояш,
Оҳубараи ишқи туро гум кардам.

Умри гузарон аст ба мо шарфаи бод,
Дар зиндагии дурӯза мебояд шод.
То кар нашавад фалак зи фарёди касон,
Аз хирмани маҳ ба гӯши худ пунба ниҳод.

Гар ашки дилу дида баробар бошад,

Домони дили ғамзадаҳо тар бошад.
Дар синаи бераҳми ҷафопеша мудом,
Оҳи дили озурда чу ханҷар бошад.

Восеъ нашавад дигар кас аз ҷилваи беш,
Ҳарчанд ба по кунад агар шӯриши хеш.
То аз пайи ризқи худ набинӣ ташвиш,
Не салла мадад дораду не қабзаи риш.

Хушбахт диле зи ошиқӣ бехабар аст,
Дар кӯчаи дарду ғам каси раҳгузар аст.
Ин омадану рафтани мо дар дунё,
Гарде ба лаби домани боди гузар аст.

Ошиқ ҳама дам ба меҳрубонӣ зор аст,
Бо дидаи интизор ғамбемор аст.
Хуфтан ҳама шаб чу тифли нокоми ҳавас,
Шабҳо ба дили ғамзадаҳо бедор аст.

Дар ишқ баҳонаҳо зи ашки зан шуд,
Ду дидаи пур зи об машки зан шуд.
Тӯфону заминларзаву обу оташ,
Сарҷамъ ба ҳам омаду рашки зан шуд.

Дунболи раҳи касе нарафтам ҳаргиз,
Чун бод пайи хасе нарафтам ҳаргиз.
Сад бор дари хонаи дил бишкастанд,
Пушти дари нокасе нарафтам ҳаргиз.

Аз боғи муҳаббатам анори дил монд,
Аз майкадаи ишқ хумори дил монд.
Дар хонаи дил аз ҳама буду нобуд,
Мерос барои ман фишори дил монд.

Ин дил, ки тавонбахши фароғ аст маро,

Дар кохи вуҷуди тан чароғ аст маро.
Ишқе, ки ба хуни ҷигарам зомин шуд,
Дар домани дил нишони доғ аст маро.

Ишқ омаду қасри дили ман кард хароб,
Дар чашм ба вайрона намеояд хоб.
Хушк аст дигар чашмаи чашм аз гиря,
Аз новаки дидаам намешорад об.

Эй дил, зи фироқи ёр беҳуда масӯз,
Сӯзӣ ту агар, сӯзу дами дуда масӯз.
Дар тобу табат аланга зан чун оташ,
Осуда мадон сӯзишу осуда масӯз.

Ман роҳи дарози ошиқӣ паймудам,
Аз ҷабру ҷафо даме намеосудам.
Дил кандам аз ин ҳақиқати умр охир,
Дидам, ки чу афсона набудам, будам.

Ҳар гаҳ, ки зи қалби мо нидо бархезад,
Ишқ аст, ки бо хуни ҷигар омезад.
Ин санги сари сахти маро саҳл магир,
К-аз зарраи хоки мо шарар мерезад.

Ин лашкари ғам буд ба шабҳои дилам,
Монанди қушунҳои арабҳои дилам.
Воҳимаи лашкари ғаму сӯзиши ишқ
Ман донаму табхолаи лабҳои дилам.

Ишқе, ки чу боди тездав буд маро,
Монанди хироми кабки рав буд маро.
Палмосидан ба рӯю бар хирмани мӯй,
Маҳтобшабу шаби дарав буд маро.

Бо шонаи дандон, ки ба мӯи ту задам,

Мухпар ба лаби кулчаи рӯи ту задам.
Чун бод ба барбод шудан печида,
Худро ба чаҳор сӯ ба бӯи ту задам.

Эй ишқ, ҳама сабри маро барбодӣ,
То чанд кунӣ ба синаам бедодӣ?
Бар захми дилам намакфишонӣ аз чист?
Хомӯшии олами маро фарёдӣ.

Эй ёр, ки ошиқӣ набудаст осон,
Беаҳдӣ агар кунам, бубин ҳол ин сон:
Чун хоини ишқ дар сафедори танат,
Бо банди ҷамолакат ба дор овезон.

Селоби ғами ту гавҳари дилро бурд,
Гирдоб шуду сари тавонашро хурд.
Пар кандаву паймуда раҳи дом, охир,
Мурғи дили мо дар қафаси ишқи ту мурд.

Ҳар он чи шабеҳи дил бувад, дил нашавад,
Ҷоҳил ба насиҳати кас оқил нашавад.
Дар пуштаи тафсони дили сӯхтагон,
Аз киштаи тухми ишқ ҳосил нашавад.

Доғи ту зи домони дили мо наравад,
Тифли ҳаваси дил ба ҳавоят надавад.
Нашносӣ агар ҳаққи ҳалоли моро,
Оҳи ҷигарам ба гарданат бор шавад.

Бо ёди ту хонаи дил афрӯхтаме,
Дар оташи меҳри ту аҷаб сӯхтаме.
То ёди ту аз лавҳи хаёлам наравад,
Дар домани дил номи туро дӯхтаме.

Бо гиря раҳи хоб гирифтам дар ишқ,

Бар хеш табу тоб гирифтам дар ишқ.
Девонагиам то нашавад овоза,
Аз ғам ба даҳан об гирифтам дар ишқ.

Дар оташи афрӯхтаам месӯзам,
Дар роҳи нигаҳдӯхтаам месӯзам.
Аз пушти ду дида дилакам сӯхтааст,
Бар ҳоли дили сӯхтаам месӯзам.

Чун нони сағирагӣ ба оби дида,
Ман бӯй кашидаам туро бӯсида.
Мерос бувад зи гушначашмии дилам,
Лаблесиву дандони ба ҳам соида.

Гар шеър зи ҷони реш фаввора шавад.
Санги аламу шишаи ғам пора шавад.
Ишқе, ки ба сина барқсон раҳ ёбад,
Оташ ба дили ошиқи бечора шавад.

Шоир, ки бувад ба умр машғули қалам,
Мақбули Худост ранҷи масъули қалам.
Як лаҳза агар зи шеър ғофил монад,
Дар чашми дилаш нӯл занад нӯли қалам.

Ҳамрози дили сӯхта абри дара шуд,
Борон ба раҳи нигоҳи ман панҷара шуд.
Ку ояту сурае, ки дар мазраи ишқ?
Бар мақбараи сина дилам пайкара шуд.

Шамъе, ки агар ба ёди мо афрӯзӣ,
Дар ишқ бувад нишонаи наврӯзӣ.
Дуздона ба шаб гуфт: биё, лек, афсӯс,
Маҳтобшаб асту ман надорам рӯзӣ.

Дил кандани мо зи ғам, ки базму тараб аст,

Бигрехтан аз ҷафои мири араб аст,
Гӯӣ, ки ҳунар чист, ба андешаи мо,
Маънои ҳунар Убайдуллои Раҷаб аст.

Кӯҳе, ки надидаем, кӯҳи Қоф аст,
Он хун, ки ба қалб ҳаст, хуни ноф аст.
Лайлисифате гуфт, ки дар ҷодаи ишқ
Мизроб ба сози дили ман Сайёф[1] аст.

Ҳар фард агар ба меҳр бошад толиб,
Дар саҳнаи зиндагӣ бигардад ғолиб.
Дар олами асрор чу ганҷинаи кӯҳ
Ғайбист барои мо Муҳаммад Ғойиб.

Дарё ба масал дарси варақгардонист,
Сар дар сари шофсанг кӯбиду гирист.
Чун гавҳари суфта дид дар тамкинаш,
Осуда шуду гуфт: шитобам аз чист?

Аз рашку ҳасад майлу ҳавас хубтар аст,
Аз дидани гул бӯ ба нафас хубтар аст.
Мурғе, ки набошадаш маҷоли парвоз,
Аз дашту даман ба ӯ қафас хубтар аст.

Он кас, ки ба зиндагӣ каси раҳгузар аст,
Ғофил зи ҳама гуфтаи Давлат Сафар аст.
Андеша агар зи ҷаҳл сар бардорад,
Бар решаи нахли орзуҳо табар аст.

Аз ғофили дарди хеш андеша маҷӯ,
Аз нахли насабзида пайи реша маҷӯ.
Бар захми дили ман ту намак пошидӣ,
Ин дард даво намешавад, пеша маҷӯ.

---

[1] Сайёф Мизроб

Эй ишқ, биё, ба синаам шӯр ангез,
То дил нашавад зи ғам гирифтори ситез.
Дар хонаи дил шамъи фурӯзонам шав,
Монанди балои зери по ҳеҷ махез.

Имшаб ҳама дарди ошиқӣ бори ман аст,
Ёди ту ғубори чашми бедори ман аст.
Чил роҳзани хазинаи ишқ, охир,
Чил кокули майдабофии ёри ман аст.

Бигзашт баҳори умр, афсӯс, афсӯс.
Нашкаст хумори умр, афсӯс, афсӯс
Андар бағали хазинадори ишқам,
Хоб аст чу мори умр, афсӯс, афсӯс.

Эй кош, ғами туро намехӯрдам ман,
То майкада дарди ту намебурдам ман.
Нодидаву ночашидаву н-озмуда
Андар бағали ишқи ту мемурдам ман.

Дилро ба инони чашми мастат додам,
Гулмоҳии тиллоӣ ба шастат додам.
Аз буду набуди шоириам дар умр,
Домони рубоиро ба дастат додам.

Ошиқ набувад касе, ки ӯ бегила нест,
Пайроҳаи ишқ баски безилзила нест.
Ҳосил зи раҳи дарози ишқи ҷовид.
Дар пойи дилам ҷуз асари обила нест.

Он кас, ки чу кафки рӯи об аст ба ишқ,
Чун фосилаи нақши ҳубоб аст ба ишқ.
Дар ишқ агар гардиши гирдобаш бурд,
Гар ғарқ шавад, гавҳари ноб аст ба ишқ.

Мотамзадаро ҳамеша хобаш талх аст,
Тамъи асалу сихи кабобаш талх аст.
Берӯзӣ агар чашма барорад аз кӯҳ,
Бар коми ҳама маззаи обаш талх аст.

Гуфтам, ки насиби ман шавӣ, «кош» нагуфт,
Duздона задам бӯсааш, «авбош» нагуфт.
Дилҷӯии ёрро чӣ лафзе бошад?
Гаштем ҳама гӯш, вале фош нагуфт.

Чун дафтари хобро варақ гардонам,
Аз умр ҳисобро варақ гардонам.
Гар бастаи пулро ту варақ гардонӣ,
Ман ҷилди китобро варақ гардонам.

Бедории хуфта дар дуои падар аст,
Асрори нагуфта дар дуои падар аст.
Умр аст агар кӯҳ, биҷӯӣ ганҷаш,
Он ганҷи нуҳуфта дар дуои падар аст.

Аз ақл ба зиндагӣ сипар бояд кард,
Бо тӯшаи уммед сафар бояд кард.
Аз душмании дӯст набошад боке,
Душман, чу шавад дӯст, ҳазар бояд кард.

Бе пир будам, ки ишқи ту пирам кард,
Дар хок пайи нишонаи тирам кард.
Гуфтам, ки раҳи гиря бубандам бо хоб,
Дар хоб будам, гиря гулӯгирам кард.

Ин дил, ки зи кӯҳи чирадил афтодаст,
Пойи ҳавасаш ба қаъри гил афтодаст.
Девори танӯри сина сард аст магар,
Дар лахчаи ғам кулчаи дил афтодаст.

Ишқи ту, ки роҳи бастаро мемонад,
Дар сина дили шикастаро мемонад.
Дар ҷодаи паймудаи умри гузарон
«Во ҳасрат»-и пири хастаро мемонад.

Дар тобу табат сӯхтаму дил нашудам,
Бар чашми муҳаббати ту моил нашудам.
Устоди ту шогирди маро гашт мурид,
Дар мадрасаи ишқи ту дохил нашудам.

Дар пуштаи дил тухми муҳаббат корам,
Аз тухмаи кинаву ҳасад безорам.
Бар уштури умр гуфтам аз шебу фароз,
Гуфто, ки зи ҳарду роҳ ғамбеморам.

Ҳарчанд ба нафси хеш шӯру мағалем,
Дар шишаи панди рӯз санги бағалем.
Дар ҳикмат агар хазинадори даҳрем,
Дар оғӯши одоб вале камбағалем.

Роҳе, ки табу тоб шавад афсунро,
Барбод диҳад хазинаи Қорунро.
Дар ҷодаи ишқу ошиқӣ то имрӯз
Нагрифт касе ҷоизаи Маҷнунро.

Ин чарх ба коми дили мо тоб нахурд,
Беҳуда ғулом сари арбоб нахурд.
Дар чашмаи ҷӯшони муҳаббат охир,
Як умр дилам сӯхт, вале об нахурд.

Ин сина чу гӯри тангу тор аст ҳанӯз,
Гӯӣ ки дилам санги мазор аст ҳанӯз.
Ишқи ту нишонае зи гулбоғи ҳавас
Дар пойи дилам чу неши хор аст ҳанӯз.

Рӯзе, ки бишуд ғами ту бори дили ман,
Бе назму низом гашт кори дили ман.
Дар шаҳри садоқату вафодорӣ, чи хуш,
Ишқи ту бувад арки ҳисори дили ман

Ишқ аст ҳамон шаҳр, ки ноороміст,
Аз ҳолати нимсӯз беҳтар хомист.
Сардафтари ошиқон, ки девона будаст,
Пас оқибати ишқ ҳама бадномист.

Шаб аз пайи шаб гузашт, рӯз аз пайи рӯз,
Гуфтанд аз ин қофилаҳо панд омӯз.
Дар кӯчаи ошиқони раҳгумкарда,
Ман мондааму насими саргашта ҳанӯз.

Ку покии ишқу ку дили осуда?
Ку манзили уммеду раҳи паймуда?
Дар хонаи дил ишқи илоҳӣ нур аст,
Боқӣ ҳамааш васвасаи беҳуда.

Тобу таби дил ҳамеша ишқи Ватан аст,
Андешаи мо пешаи ишқи Ватан аст.
Дар хоки мазори мо чу нахле рӯяд,
Пайванд ба он решаи ишқи Ватан аст.

Эй олами нур, субҳи уммеди манӣ,
Шабгарди хаёли бахти испеди манӣ.
Хуш бод, ки дар валвалаҳои дили шаб,
Сарнайзаи тиллоии хуршеди манӣ.

Эй ишқ, ману ту анҷуман ороем,
Ҳосил чӣ шавад, ки ҳардумон танҳоем?
Аз саҷдаи бисёр нашуд рост раҳам,

Ё қиблаи ту качҷ аст, ё качҷ моем.

Ишқ аст чу маҳбасу асираш моем,
Дил мулки муҳаббат асту мираш моем.
Як рӯз пайи нишона бар хок шавем,
Вақт аст камони умру тираш моем.

Меҳре, ки зи дил рафт, намеояд боз,
Боле, ки шикаст, ку маҷоли парвоз?
Он қадр ба оташи маломат будам,
Бар тобу таби ишқ маро нест ниёз.

Марг аст агарки раҳкушои мурдан,
Ҷуз хоки Ватан маҷӯ ту ҷои мурдан.
Як умр агар нақш намонад аз мо,
Пас зиндагӣ кардем барои мурдан

Хомӯшии мо бонги садо мешиканад,
Ошӯби ҳама ҷабру ҷафо мешиканад.
Ин шишаи номуси маро саҳл магир,
Сад санги маломати туро мешиканад.

Дар мулки вуҷуд қуллаи ғам дорем,
Як олами ғам аз ғами олам дорем.
Дил гуфт: умеди ишқ он буд, ки мо,
Дар маъракаи ошиқӣ одам дорем.

КӮЛОБ

Ганҷе, ки маро аз Ямани Кӯлоб аст,
Чун лаъли Бадахшони мани Кӯлоб аст.

Ҳар қатраи обе, ки зи Зам-зам нӯшӣ,
Нӯшат бодо, к-аз Ватани Кӯлоб аст.

Номуси Ватандорӣ, ки васл аст ба хун,
Меҳрест, ки аз ҷону тани Кӯлоб аст.

Гулбазми чаканпӯши хиромонкабкаш
Рӯҳе ба тани анҷумани Кӯлоб аст.

Хоке, ки Худо сиришту ҷонаш бахшид,
Шаъну шарафи марду зани Кӯлоб аст.

Пири Ҳамадон аст шукӯҳи ирфон,
Ин маънисаро илму фани Кӯлоб аст.

Хуршед бувад Аҳурамаздои Ватан,
Аъмост касе, Аҳримани Кӯлоб аст.

Аз булбули бегона ба гулбоғи Ватан,
Беҳтар ба дили мо зағани Кӯлоб аст.

Дар дил ҳавасам ба Турки Шероз чӣ суд?
Ишқе, ки маро симтани Кӯлоб аст.

Аз Ҳоҷӣ Ҳусайн аст маро хилъати шеър,
Тоҷи суханам аз сухани Кӯлоб аст.

ОРМОН

Аз паси равзанаи хотира диданҳоям.
Аз паси подаи қишлоқ давиданҳоям,
Сар-сари ёла натарсида париданҳоям,
Гӯш нокарда садоҳову ҷаҳиданҳоям

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Ҷилваи духтари ҳамсоя аҷаб ширин буд,
Давутози мани саргарм аз ӯ ширинтар.
Тути пайвандии бедонаи даргоҳи падар,
Ба ҳамин силсилаи давр бишуд шаҳду шакар.

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Ба ҳама ҷамъу парешаш ба хати дафтари умр
Пуштаи сабзу ману досу алаф иншоем,
Тифлии саркашу осудагии танҳоям,
Ду муҳитест, ки ҳар фосила бепарвоем.

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Омадам шаҳру хаёлам ба диёрам банд аст,
Кӯдакӣ аз паси ман омада раҳ гум кардаст.
Ё ки Юсуф шуду дар чоҳи фаромӯшӣ монд,
Ҳарчӣ бошад, ба мани зор ҳама ин дард аст,

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Субҳ мехезаму бар пушти дарам менигарам,

Шоядо кӯдакиям дар паси дар омадааст?
Лек метарсам аз он ҳам, ки маро нашносад,
Ё ки бигрехта аз пеши падар омадааст?

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Кӯдакиро дами ҳар шому саҳар мекобам,
Ку бубинам, ба сараш тоқии бахмал дорад?
Ку бубинам, ки сару рӯи харошидаи ӯ
Чӣ нишоне зи ҳамон пайраҳаву тал дорад?

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

Кӯдакиҳои маро ҳар ки бубинад, гӯяд:
Шаҳр ҷои дигаре ҳаст, ту дар деҳа бимон.
Интизори мани гумгаштаи шаҳрӣ нашавад,
Ёфтан гумшударо ҳеҷ набошад осон.

Лаззати кӯдакиву деҳаи ман буду гузашт,
Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт.

ОРМОНИ ТОҶИК

Ба холи ҳиндуи он турки Шероз,
Намебахшам хасу хори Бухоро,
Намебахшам ба садҳо ишваю ноз,
Самарқанди азизу оламоро.

Ҳазорон дард дорам аз Самарқанд,
Ҳазорон доғ дорам аз Бухоро.
Фаро меояд он рӯзе, ки қисмат
Фурӯзон мекунад армони моро.

Ба рӯҳи Рӯдакиву Ибни Сино,
Ба тоҷу тахти Сомонии воло,
Ба хишти қасри Шоҳи Зинда савганд,
Ки моем аз Самарқанду Бухоро.

Ҳанӯзам ҳукм дорад дар Бухоро
Фазои тоҷикӣ ҳар субҳ, ҳар шом.
Насими фазлу фаҳм аз кӯчаҳояш
Расад аз дуриҳои дури айём.

Макони нангу номусӣ, Бухоро,
Сари болои мо бошӣ, Самарқанд.
Чакад аз ранги мӯҳри пешвоён
Ҳуруфи ошнову ҳикмату панд.

Бухоро гавҳари ангуштарин аст,
Самарқанд ахтари рӯи замин аст.
Бинозам он бузургеро, ки гуфта,
«Бухоро маркази ислому дин аст».

Ку он рӯзе намози субҳу пешин

Гузорам дар Самарқанду Бухоро?
Ба асру шому хуфтан то бигӯям
Ҳазорон шукр тадбири Худоро.

Ба рағми ин ҳама дору мадоро,
Душанбе мешавад рӯзе Бухоро,
Бухоро мешавад рӯзе Душанбе,
Кунад тадбир Ҳақ тақдири моро.

## ФОҶИАИ КӮЛОБ

Дар кӯчаи ғам дидаву дилҳо нигарон аст,
Ин кӯчаи ҳасратзадаи Чармгарон аст.
Дар обу гили ӯ ҷасади пиру ҷавон аст,
Ин дарди гарон асту гарон асту гарон аст.

Реш аст дил аз фоҷиаи мардуми Кӯлоб,
Аз даҳшату аз ҳодисаи сангу гилу об.

Аз боди гузар бӯи гули майса наояд,
Бар раҳгузарон ҳеҷ касе дар накушояд.
Арвоҳи шаҳидони фалокат сари ҳар субҳ
Бар даргаҳи Кӯлоб пайи фотиҳа ояд.

Реш аст дил аз фоҷиаи мардуми Кӯлоб,
Аз даҳшату аз ҳодисаи сангу гилу об.

Гаҳвораи зарбофии тифлон таги лой аст,
Асрори ҷавонони пурармон таги лой аст.
Дунёи пур аз меҳру муҳаббат, ки фано шуд,
Эй дидаву дил, вой бигӯ, ҷон таги лой аст.

Реш аст дил аз фоҷиаи мардуми Кӯлоб,
Аз даҳшату аз ҳодисаи сангу гилу об.

Аз хонаву хоне, ки фақат маърака мешуд,
Аз ҷони ҷавонон зи фараҳ дамҳака мешуд,
Якбора ҳама мотаму фарёду фиғон гашт,
Ҷое, ки шарафмандиву шодӣ дакка мешуд.

Реш аст дил аз фоҷиаи мардуми Кӯлоб,
Аз даҳшату аз ҳодисаи сангу гилу об.

Он ҷой, ки манзилгаҳи пири Ҳамадонист,
Дигар ба сари мову шумо марсияхонист.
Кӯлоб дигар манзараи фотиҳадонист,
Тақдир ҳамин аст, таҳаммул раҳи ҷонист.

Реш аст дил аз фоҷиаи мардуми Кӯлоб,
Аз даҳшату аз ҳодисаи сангу гилу об.

06.05.2010

## РУҶУЪ

Дар ин ҷо гӯфтугӯ бо ёр дорам,
Маро аз чоҳи ғам берун наоред.
Хиёбони дили дардошноям,
Ба номи Ҳазрати Юсуф гузоред.

Маро аз дарду ғамҳоям мапурсед,
Саропо дарду оҳам, дарду оҳам.
Агар якумра дар зиндон бидоред,
Дигар ишқи Зулайхоро нахоҳам.

Давои чашми Яъқуби Паямбар
Агар пероҳани гумгаштааш шуд,
Чӣ сон дармони дарди хеш ҷӯям
Зи даври тифлии гумкардаи худ?

Хати ожанги рӯям чун хати роҳ
Зи кӯи кӯдакӣ бошад нишона.
Хати тақдири ман пайваст ногоҳ
Ба роҳи санглохи шоирона.

Сари зонуи модар гиряи ман,
На гиря, балки шеъри кӯдакӣ буд.
Дуои модари шабзиндадорам
«Ҳазорон сол зиҳ»-и Рӯдакӣ буд

Ба ҷавлонгоҳи табъи бодпоён
Саманди шеъри ман дорад нишона.
Ғизои хешро аз хирмани моҳ
Биҷӯяд мурғи илҳомам шабона.

Дигар ҷабри Зулайхову ғами чоҳ
Чу хоби кӯдакӣ дар дил нагирам.
Ба пайвандони дилбандам бигӯед,
Ки дар Мисри Душанбе ман амирам.

## ТАЪКИД

Дасти ангури сияҳ бигрифтааст
Аз гиребони сафедори баланд,
Бо саропои ба худ печидааш
Гуфт бо даъвӣ зи ҳоли мустаманд:

Меваамро дар матои баргҳо
Буғча карда дар миёнат бастай.
Бо ҳамели гарданат аз хӯшаам
Шишаи қалби маро бишкастай.

Бо чунин ғасбе ба болои сарам,
Ҷилваи гардандарозӣ мекунӣ.
Хешро афканда дар оғӯши ман
Дар ҳавои бод бозӣ мекунӣ.

Пас сафедори баланди нозанин,
Хешро ёзида бар ангур гуфт:
Эй, магӯ беҳуда дарди хешро,
Доди поёнро зи боло кай шунуфт?

Аз чӣ шоху бар ба ман печондаӣ?
Аз чӣ сар дар китфҳоям мондаӣ?
Дастҳо ёзондаӣ бар гарданам,
Худ намедонӣ, ки чун дармондаӣ?

Шукр гӯ, ки такягоҳат гаштаам,
Варна меафтодӣ бар рӯи замин.
Ҳар куҷое қад кашӣ бе такягоҳ,
Боз рӯ орӣ ту бар сӯи замин.

## ФАРХОР

Ту бузургӣ,бузургиатро
Пораи санг хуб медонад.
Ҳар касе чашм дӯхт бар хокат,
Хати таърихро ҳамехонад.

Ҳар кӣ ношукр гашт аз файзат,
Хор гашту дубора зорат шуд.
Лолазорони туст рӯсурхӣ,
Сари сабзи ту сабзазорат шуд.

Қолаби хишти шеър бар душам
Мебарам ҳар тараф, куҷо монам?
Раҳи бунёди туст эҷодам,
Тӯҳфае ғайри шеър натвонам.

Розҳои ниҳони тақдират
Дар дили сангпора мемонад.
Васли Золу Рудобаро гӯё
Аз қазо ҳеҷ кас намедонад.

Фахр мекарду фахр хоҳад кард
Тоҷикистон ба номи Фархораш.
Сарҳади дахлнопазири варо
Рӯҳи Чилтан[1] бувад мададгораш.

Бо ҳама зевару зари таърих
Қалъаи Золи Зар, ки заркорист,
Рӯи домони кӯҳи шабрангат[2]
Шири пистони пистаҳо ҷорист.

Дар хати растаҳои гумномат
Шеъри ногуфтаро намедонам.
Дар қадамгоҳи навбузургонат
Гимни Шаҳномаро ҳамехонам.

Гар бинозӣ, ки аз раҳи таърих
Қалъа бо номи Золи Зар дорам.

---

[1] Чилтан – бузургворе дар Фархор
[2] Шабранг – кӯҳи Қаратоб дар ноҳияи Фархор

Ман зи хишти садоқати воло
Дар дилам қалъаи дигар дорам.

Вақти падруди рӯҳи армонӣ
Турбатамро ба погаҳаш монед.
Ояти дафни ҷисми сарди маро
Аз баландии қалъаяш хонед.

## ИСТИҚЛОЛИ МО

Мулки обод аст Истиқлоли мо,
Нахли шамшод аст Истиқлоли мо.

Сад қафас бишкасту дар парвоз шуд,
Мурғи озод аст Истиқлоли мо.

Бояд аз дил саҷдаи шукрона кард,
Каъбаи ёд аст Истиқлоли мо.

Дар билоди сарнавишти тоҷдор,
Қасри бунёд аст Истиқлоли мо.

Дар замини кишвари озодагон
Роҳи имдод аст Истиқлоли мо.

Фахр аз мероси Сомон мекунем,
Моли аҷдод аст Истиқлоли мо.

Сад биёбон обшорон мешавад,
Ранҷи Фарҳод аст Истиқлоли мо.

Барфурӯзон оташи хомӯшро,
Юсуфи шод аст Истиқлоли мо.

Боди навмедӣ ба дигар кӯй рафт,
Садди ҳар бод аст Истиқлоли мо.

Дар камоли худшиносӣ то абад
Юмни афрод аст Истиқлоли мо.

Дар хати пайроҳаи уммедҳо
Нақши эҷод аст Истиқлоли мо.

Дар амон бошем аз чашми ҳасуд,
Бас Худодод аст Истиқлоли мо.

## РАНҶ

Аз худиҳо ранҷ мебинам,
Аз каси бегона метарсам.
Номуродиҳо сиёсат шуд,
Роз гуфтанҳо амонат шуд.

Баъд аз он, баъд аз ғаниматҳо
Ошноӣ то лаби дарёст.
Баъд аз ин, эй ашк, пайғоме,
Хандаи тифлонаам, падруд!

## ТАРОНАИ ДИЛ
*(Суруд)*

Ба ҳар шаҳре сафар кардам,
Дуоят болу пар кардам.
Ба роҳи хонаи чашмат
Туро шамъи назар кардам.

Ману боди парешонхӯ,
Ба ёди мӯи мушкинбӯ,
Ба вақти рӯ ба рӯ бо ҷӯ
Магӯ аз моҷарои мӯ.

Аё, эй моҳи хушрӯям,
Биё бо нур полоям,
Туро ҷӯям, туро ҷӯям,
Марав, дар хеш боз оям.

## ҶИЛВАИ ЁР
(Суруд)

Ҷилваи ҷавлони ёр ҷилваи ҷони ман аст,
Хандаи мардафканаш тобу тавони ман аст.
Ноз ба роз оварад, роз ба ноз оварад,
Холи бари рӯи ӯ ганҷи ниҳони ман аст.

Чарх бизан нозанин, чарх бигардон замин,
Ин ҳама чархиданат ҳаст ба мо дилнишин.
Рақси ту зеби баҳор, чашм кушо пурхумор,
Моҳ кушояд ҷабин, боз биё, маҳҷабин.

## НИЁИШ
(Суруд)

Майда-майда, ки қатраборон аст,
Ҷилваи ёр зулфи парешон аст.
Доғ ба доғи лаби домони дил,
Чакраи хуни гиряи ҷон аст.

Биё, биё, ки ба худ оям,
Марав, марав, тани танҳоям.

Шикваи ҷон аз ғами дил дорам,
Дар бағали ишқи ту беморам.
Ёд зи андешаи ҳомун, ки рафт,
Нолаи Маҷнуни гирифторам.

Биё, биё, ки ба худ оям,
Марав, марав, тани танҳоям.

## ХОТИРА
(Суруд)

Аз умр чӣ дидам?
Ҳарчанд давидам,
Аз боғи навозиш
Ҷуз хор начидам.

Бигзашт ҷавонӣ
Чун дарди ниҳонӣ,
Бегона чӣ донад?
Аз хеш, ки монӣ.

Нашкаст хуморам,
Бигзашт баҳорам.
Дар оинаи умр
Монанди ғуборам.

Дар олами ҳастӣ,
Дилро, ки шикастӣ.
Девона чӣ донад,
Ҳушёриву мастӣ?

Не ҳамнафасе буд,
Не додрасе буд.
Ишқи дили зорам,
Мурғи қафасе буд.

Аз ғам бадар оям,
Дигар чӣ сароям?
Дард аст ҳама умр,
Дар фикри давоям.

Он ширдаҳанҳо
Пас хокдаҳан шуд.
Аз шаҳд чӣ пурсӣ?
Заҳре, ки ба тан шуд.

Пирӣ ба сар омад,
Аз ғам хабар омад,
Марг аст ту гӯӣ
Дар пушти дар омад.

## РОЗИ ДИЛ

## ХАСТАДИЛ

Зағани дарди ҷудоӣ,
Зағани танҳоӣ,
Нулаш умре ба нигоҳи ҷасади куштаи дил.
Ай Худо, ман шудам аз лошахурон дилхаста.

## ШЕЪРИ ГАҲВОРА

Даставу саллаи гаҳвораи ман,
Пӯпаку домани болопӯшаш
Бастаи нақшу нигор,
Гӯиё ки ба мисол
Шеъри тасвирии гаҳвораи ман буд,
Ки модар мехонд,
То маро хоб барад,
Хоб дар чашми тарам хоб равад.

## КӮЧАИ ИШҚ

Агар бо ту шабе дар кӯча монам,
Бароям шавқу шӯри зиндагонист.
Барои ин агар моил набошӣ,
Барои ман шаби ишқу ҷавонист.

Агар бе ту шабе дар кӯча монам,
Агар бе ман шабе дар кӯча монӣ,
Ва ё кӯча шабе бе мо бимонад,
Дареғи он шабу ҳайфи ҷавонӣ.

## ДАЛЕЛИ ТАНҲОӢ

Ту биё, бин, ки дар ин хонаи ман
Ба ҷуз аз ғам сару савдои дигар нест.
Ман ба ғам печида,
Ғам ба дил ғеҷида, Чӣ кунам?
Ҷойи дигар, ҷойи дигар нест!

Ту биё, бовар кун! Ишқи ман
На чу он навданиҳолест, дами панҷаи бод
Дам ба дам ларза кунад.

Ту биё, бовар кун,
Ки гаҳи ғойибиат чун бигузашт аз сари ман,
Ку бубин, дар бару дар бистари ман
Тораи мӯи касе ҳаст?
Атри гесӯи касе ҳаст!?

Ту биё, бори дигар бовар кун!
Чанги ойинаи ман,
Тортанҳои ба кунҷи хона,
Дару девори ба чанголи хазон…
Ба ту гӯянд, ки танҳо будам.
Ба Худову ба Худо, ки ҳама шаб
Тани танҳо, тани танҳо будам.

## НИЁИШ

Чу чилим-чилим кашидам
Ҳама дуди дарду оҳат.
Ки тилим-тилим кафидам
Зи тамузи ҳар нигоҳат.

Ту, ки мӯи сар танидӣ
Ба раҳи кушодаи чашм.
Чӣ кунам чу гурги гушна
Ба фиреби додаи чашм?

Чу қалам қадам гузорам
Ба хати кашидаи ту.
Ба умед раҳ биҷӯям
Ба дилу ба дидаи ту.

Зи таби тани тамизат,
Ба шабон, ки даргирифтам
Зи ду чашми шӯълаборат
Ҳама тан шарар гирифтам.

Чу чилим-чилим кашидам
Ҳама дуди дарду оҳат.
Ки тилим-тилим кафидам

Зи тамузи ҳар нигоҳат.

## ХОҲИШ

Эй, аз сафедори танат
Назри ниёзамро бидеҳ.
К-аз риштаи ҷодугарӣ
Бикшода гардад сад гиреҳ.

Мафтули мӯи мушкбӯ
Дар панҷаи мо во шавад.
Шоми ману ту то саҳар
Дунёи беҳамто шавад.

Дар ҳушу дар гӯши фалак
Овозаву ово барем.
Чун ҳосиле аз як палак
Дар нақши рӯ ранг офарем.

Ман барги лабҳои туро
Пайванди барги лаб кунам.
Бо реша пайванди танат
Дар фасли нози шаб кунам.

Шаб бар сари мо бо ҳавас
Домони худро метакад.
Шаҳди тилими моҳи нав
Дар сурати шабнам чакад.

Як умр домони туро
Дамгоҳу дамосо кунам

Тифли вафо Юсуфсон
Дар чоҳи ҷонам ҷо кунам.

Эй, аз сафедори танат
Назру ниёзамро бидеҳ.
К-аз риштаи ҷодугарӣ
Бикшода гардад сад гиреҳ.

## ТАЛОШ

То муғҷаҳои хеш кушоям ба боғи шеър,
То хокро ба чеҳраи худ ошно кунам,
Бар қасди качравон то дуриҳои дур
Садҳо суди раҳ шикаставу панҷа мезанам.

## ДАРДИ ИШҚ

Хомӯш шуд чароғ,
Хомӯш мондаам,
Дигар зи ёдҳо
Дар ҳавли синаам
Ман дардҳои ишқи туро доғ мекунам.

## ШАБ

Шаб аз гунаҳ пур аст,
Ғорату зино ҳам дар шаб нумӯ доранд.
Ғусли ӯ вобастаи ашки ситора, шири маҳтоб аст.
Нийяти ғусли варо шоир қироат мекунад,
Мешавад то субҳдам пок.

## МӮҲРИ МАҲТОБ

Дар варақҳои сиёҳи шаб Сабти мӯҳри маҳтоб аст.
То мапиндорад касе,
Шаб беҳисоб аст.
Дарҷи мӯҳраш байти зер аст:
«Ишқро дар хонаи дил мӯътабар доред,
Ощиқонро дӯст дореду маёзоред»

## ЗИНДАГИИ ШАБ

Шаб чу пири ғӯли зангӣ
Гӯиё дарвозаро бикшод.
Дар нигоҳаш ноумедӣ,
Дар садояш нағмаи сарди таассуф,
Духтари субҳи сафоро аз бағал сар дод.

## ЁД

Аз кафи дастони дарё
Кафк мерезад ба руи шофсанг,
Мерасад бар хотирам, Модарам дасти хамиролударо
Медиҳад молиш ба рӯи суфрааш.

## ТИРАМОҲ

Ба вақти тирамоҳ
Матои баргҳои зардгаштаро
Бо риштаи алаф
Ва сӯзани санавбарон

Бо кӯки майда-майда дӯз,
Фасли сард мерасад.

## ТАФСИР

Зиндагӣ бо марг ҳамрӯ нест,
Тобиши меҳр асту омол аст.
Зиндагиро зист, бояд зист,
Оқилонро рӯз як сол аст.

Рӯзгори сарди бетафреҳ
Шохаи бамеваю барг аст.
Аз тулӯи рӯзи нав бишнав,
Умри хоболуда ҳам марг аст.

## МАНЗАРА

Абрҳо ранги калоба,
Ҳамчу ришта риштаборон,
Қолии рангин бибофад
Тирамаҳ зери дарахтон.
Ин замон рахти арӯсии баҳоронро
Гӯиё омода созад
Тирамаҳ чун модари пир.

## ТАСВИР

Субҳдам бар шабнами болои гул
Нури хуршеди фурӯзон мерасид,
Гӯиё бо найчаҳо аз ҷоми гул
Шарбати хушбӯи гулро мемакид.
Чакраҳо аз найчаи тиллоияш

Мечакиду мечакиду мечакид.

## ХОҲИШ

Баҳорон шуд, ало, эй кабки хушхонам,
Биё, дар пиччаҳоят хӯшагул монам.
Ба рӯи ҷонамози сабзи рӯмолат
Ғазалҳои намозимаъниро хонам.

## МОДАР

Ман, ки аз дардаш ба дунё омадам,
Бо ғаму дардаш зи дунё меравам.

## ДАРЁ

Мекашад дарё нафас
Ҳамчунон марде ба ҳангоми шитоб.
Дар раҳи ман печутоби зиндагӣ.

## АЛАМ

Майсаи зери хасу хасрӯбаам,
Тундбоде ку, ки озодам кунад?!

## БЕПАРВОӢ

Навданиҳолон ҳама шикаста, вале
Бод аз ҷаҳли худ намемонад.
Рӯди қолабшикаста бепарвост,

Чашмае зери тарма меҷӯшад.

## ТАЪКИД

Ай муғчаҳои сабз,
То навбаҳори дигаре дар худ фурӯ равед,
Зеро ки шохаҳо
Дар боғи зардгаштаи бешавқ
Мотам гирифтаанд.

## МУШОҲИДА

Моҳи хушрӯ дар миёни кӯраки шаб
Чун чароғи дудабаста хира мешуд.
Рӯзҳо дар чашми дарёбурдаи ман,
Аз чароғи дудабаста хиратар буд.

## ПОРАҲО

Пора-пора зиндагонӣ мекунем,
Пора дода зиндагонӣ мекунем.
Оқибат як пораи суфе ба тан,
Мешавем як пораи хоки Ватан.

## АСАРИ БОД

Ҳар қадам нолишу уф-уфкунон
Боди шалпаршуда аз пушта гузашт.
Нолиши бод ба ёдам овард
Навҳаи модаре андар сари тобути писар.

## ҲАСРАТ

Дӯш дидам, ки писар хандакунон
Гиряи зори падар мебинад.
Ҳазрати Ҳофиз агар зинда шавад,
Боз ҳам фитнаю шар мебинад.

## ГӮШБОД

Баҳои одамӣ дар симу зар нест,
Ба дунё фитнаангезӣ ҳунар нест.
Биё, биншин даме дар рӯ ба рӯям,
Ки рози дил барои раҳгузар нест!

## ДАР СӮГВОРИИ ЗАФАР НОЗИМ

Дар ҳосили ҷамъу зарби мо тақсим аст,
То манзалати аҳли ҳунар ду ним аст.
Як нимаи он агар Зафар Нозим аст,
Ними дигараш Одинаи Ҳошим аст.

## ОРЗУ

Кош агар боде шавам, боди баҳорон,
Мевазам танҳову танҳо ҷониби ту,
То канори хилвати дарёи пурмавҷе
Меравам афтону хезон аз ақиби ту.
Дар саропои ту чун биомезам,
Пас худамро мезанам бар мавҷи шӯхе.

## ОҒОЗИ АНҶОМ

Мурданам то таваллудам бошад,
Вақти тавлиди шеър мемирам.

## АЗ БАҲОР ТО БАҲОР

Аз баҳорон то баҳорон
Зиндагӣ помоли тӯфон буд.
Аз баҳорон то баҳорон
Дар дили ошуфтаи мо
Лолаи ҳасрат шукуфон буд.

## БАРОИ ТУ

Барои ту ҳама савоби ман гуноҳ шуд,
Барои ту ҳама гуноҳи ман паноҳ шуд.
Нафас гирифта будам аз ҳавои ишқи ту,
Кунун биё, бубин, ки дар лаби ман оҳ шуд.
Ҳанӯз ҳам умед дар канори ман,
Ки аз ғами ҷаҳони ту раҳо шавам.
Дилам шикасту сӯхт, пора-пора гашт,
Намурдаам, ки бо ту ҳамнаво шавам.

Магӯ, ки ҷуфти дигариву ман хаёлиам,
Магӯ, ки аз муҳаббати ту холиам.
Дили ману ту сар ба сар,
Ғами ману ту дар ба дар
Ва тифли орзуи мост бепадар.
Барои ҳамсафар шудан бо ту намурдаам,
Барам ҳазор шукри он, ки зиндаам.

Биё чу нур дар барам,
Даро чу нур аз дарам.
Биё, ки аз қудуми ту Баҳор мерасад.
Фусурда беди назди хона сабз мешавад
Ва шояд он дами висол
Дубора сабз мешавем
Барои якдигар
Ва дар вуҷуди якдигар
Ману ту набз мешавем.
Биё, ки зиндаам ба ёди ту ҳанӯз,
Биё чу субҳи хандарези рӯз…

## ҲАВАС

Ту маро дида, бас ҳавас кардӣ,
То даме бо ту ҳамнишин бошам.
Дар хаёлат, ки бе ту дар дунё
Чалаи зарди бенигин бошам.

Гуфта будам, ки сабр эмин дор,
Ошиқӣ як баҳори шайтонист.
Боз манмо гиреҳи сарбаста,
Охири ошиқӣ пушаймонист.

Боз дидам туро, ки бо умед
Чодари рӯзи тӯй медӯзӣ.
Қалби ман боз мешавад пора,
Дар алови ҳавас чу месӯзӣ…

Ай, хумори дили шикастазабон,
Ҷуз ту волоназар надорам ман.
Ман ҳақиқатназари ишқи туям,

Аз ту афсонатар надорам ман.

ДУОИ БАЪДИ ХАЙРУ ЭҲСОН

Худоё, дидаву дилро сафо деҳ,
Зи имони муккамал муттако деҳ.

Наёбад раҳ ба дил армони иблис,
Ки навмедист дар паймони иблис.

Карам бахшой назратро ба мӯъмин,
Ки ҳарфи гӯш бошад ҳарфи Ёсин.

Азоби қабри фарзанди мусалмон,
Зи мушкил раҳ кушо то сӯи осон.

Маризи нотавонеро тавон бахш,
Ба қалби мурда аз ишқат равон бахш.

Бадар бинмо зи дил рашку ҳасадро,
Раҳи оғоз ҳар анҷоми бадро.

Вафо бахшо ба насли бемурувват,
Мадоро гарчи бошад аҳди қувват.

Ҳар он дарде, ки бар души ятим аст,
Зи модар ё падар ё ҳарду ним аст,

Фараҳ бахшой армони дилашро,
Гираҳ бикшой банди мушкилашро.

Ба дилҳо нури тавфиқ бахш яксон,
Ки бетавфиқро умр аст арзон.

Чароғи илмро дар дил барафрӯз,
Иродатмандиро бар мо биомӯз.

ЧОРЁР

*Ба писаронам: Беҳрӯзҷон, Лутфулло, Шаҳбол ва Ворис.*

Эй чор писар, чор сутуни дили ман,
Пайванд ба ҳар қатраи хуни дили ман.
Бар чор тараф қиблагаҳам, шукри Худо,
Чор аст дигар чарову чуни дили ман.

Пайванд бувад ба зиндагӣ осорам,
Бор аст рисолатам, хушам аз борам.
Аз курсию мӯҳру ҷоҳ парво накунам,
Аз лутфи Худо давлати дунё дорам.

Ё раб, караме зи туст бар мо ҳар ҷой,
Бар чор писар чорагариро бахшой.
Дар домани лутфи туст ҳар буду набуд,
Бар даргаҳи бениёзиат дорем рой.

Эй чорагарони чашми чори модар,
Эй чорбародарони зори хоҳар.
Ҷуз чор бари хеш наҷӯед ба бар,
Бегона ба бегона нагардад ёвар.